# Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ.

*(ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои мониторинги соли 2009 дар вилояти Суғд)*

Мониторинги мазкур аз тарафи АҲҶ «Ампаро» гузаронида шуда, он бо дасгирии молиявӣ Фонди Миллӣ барои дастгирии Демократия (NED) амали мешавад. Натиҷа ва хулосаҳое, ки дар ҳисоботи мазкур оварда шуданд, бо назари Фонди Миллӣ барои дастгирии Демократия (NED) метавонанд мувофиқ набошанд.

Хуҷанд 2010

Муаллифони ҳисобот: Самадова Дилафрӯз
Гулов Рустам
Раҳимова Хуршеда

Муҳаррир: Самадова Дилрабо

Ҳисоботи мазкур барои кормандони мақомотҳои давлатие, ки ба даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ масъуланд, идтиҳодияҳои ҷамъияти, ташкилотҳои байналхалқи, дигар шахсони манфиатдор, ва он нафароне, ки барои онҳо маълумот дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон дар давраи даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ зарур ва манфиатовар аст, пешниҳод карда мешавад.

Барои ҳамкорӣ дар гузаронидани мониторинги мазкур сипозгузории махсусро ба ҳамаи муҳосибакунандагон ва машваратчиёне, ки дар мониторинги мазкур иштирок намуданд баён месозем. Инчунин миннатдории худро ба комиссариатҳои ҳарбии вилояти Суғд баён менамоем, махусусан саҳми беандозаи даъватшавандагон ва волидони онҳоро мехостем қайд кунем ва инчунин сипозгузории худро ба ҳамаи он шаҳрвандон ва ташкилотҳое, ки бе иштироки онҳо гузаронидани мониторинги мазкур ғайриимкон буд, баён месозем.

**Адади нашр 250 нусха**
**Барои паҳнкунии ройгон**

# МУНДАРИҶА


Муқаддима………………………………………… саҳ.4
1 Резюме ………………………………………… саҳ.
2 Методология ……………………………………... саҳ.
3 Натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда ………. саҳ.
А) Даъват ба комиссариати ҳарбӣ ва риояи мухлатҳои даъват………………………………… саҳ.
Б) Дастгиркунии ғайриқонунии даъватшавандагон.. саҳ.
В) Ҳуқуқвайронкунии маъмури: меъёрҳои қонунгузорӣ ва таҷриба……………………………… саҳ.
Г) Поймолшавии ҳуқуқи инсон ҳангоми муоинаи тиббӣ………………………………………… саҳ.
Д) Рӯихати бемориҳо – ҳамчун ҳуҷҷати асоси ҳангоми муайанкунии қобили хизмат будани даъватшаванда ба хизмати ҳарбӣ …………………… саҳ.
Е) Ҳуқуқи шикоят овардан аз болои қарори комиссияи даъват ҳамчун механизми ҳимояи ҳуқуқи даъватшавандагон…………………………………. саҳ.
Ж) Шароити таъмини даъватшавандагон дар нуқтаи ҷамъомадӣ. …………………………………… саҳ.
4 Таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати алтернативӣ……………………………………… саҳ.
5 Таҳили муқоисавии натиҷаҳои мониторинги солҳои аз 2007 то 2009……………………………………… саҳ.
6 Инъикоси масъалаҳои даъват дар ВАО……………… саҳ.
- Пресс-релизи таҳлили ВАО ….……………………. саҳ.
улосаҳо ………………………………………….. саҳ.
Тавсияҳо………………………………………… саҳ.
Аксҳои фиристондан ба хизмати ҳарбӣ……………… саҳ.

# МУҚАДДИМА

*«Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат,*
*таҳкими истиқлолият, амният ва*
*иқтидори мудофиавии он вазифаи*
*муқаддаси шаҳрванд аст»*[1]

Хизмат ба Ватан, тайёр будан баҳри ҳифзи он – қарзи муқаддаси ҳар як ҷавонмард аст. Аммо, афсӯс ки баъди пошхӯрии Идтиҳоди Шӯрави ҷавонон на он қадар дар сари он, ки хизмат дар артиш ва ҳимояи Ватан – ин кори вичдони ҳар як ҷавонмард аст, фикру андеша доранд. Хоҳиши дар артиш хизмат намудан, албатта, на дар ҳар ҷавон мавҷуд аст. Онҳо фикр мекунанд, ки хизмат – ин чизи хатарнок аст, касе аз мавҷудияти муносибатҳои ғайриоинномавӣ (дедовщина) меҳаросад, касе умуман намехоҳад ду соли ҳаёти худро барои хизмати ҳатми сарф намояд ва ҳамин тариқ барои нигоҳдории беҳбудии худ ва оилаи худ, кор кардани маблағро авлотар меҳисобад.

Аз сабаби он, ки шаҳрвандони синни даъват ҳарчи зиёд аз ӯҳдадориҳои худ – хизмат дар Артиш саркашӣ намуда истодаанд, дар таҷриба мо бисёртар бо зулми мансабдорон, ки барои иҷрои «нақшаи даъват», ҳатто қонунро низ дар соҳаи даъват вайрон мекунанд рӯ ба рӯ мешавем. Масъалаи поймолшавии ҳуқуқи шаҳрвандон аз тарафи мақомотҳои ба даъват ба хизмати ҳарбӣ масъул, барои аксари аҳолии Тоҷикистон актуалӣ мебошад. Таҷрибаи кори ташкилотҳое, ки барои онҳо кор дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи даъватшавандагон афзалиятнок аст, нишон медиҳад, ки фаъолияти ин гуна мақомотҳо бо ҳуқуқвайронкуниҳои дағал ва омаввӣ амали гардида, тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амали карда шавад. Санади меъёрӣ-ҳуқуқии асосие, ки даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба танзим медарорад, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории

---

[1] Моддаи 1 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ » аз 29 ноябри 2000 сол, таҳти рақами №30 мебошад, ки дар он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандони синни даъват ва инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомотҳои масъул ба даъват оварда шудаанд.

Имрӯзҳо аз ҳама масъалаи актуалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хизмати алтернативӣ мебошад. Хизмати алтернативӣ дасткашиданро аз хизмати ҳарбӣ аз рӯи ақида ё эътикоди динӣ пешбинӣ менамояд. Аммо афсӯс, ки мафҳуми хизмати алтернативиро на ҳамаи шаҳрвандон медонанд.

Иҷрои ӯҳдадории умумии ҳарбии шаҳрвандонро дар доираи салоҳиятҳои худ мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иҷроиявии маҳалҳо, шахсони мансабдори муассиса, идора ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияташон таъмин мекунанд.[2]

---

Дар давраи даъвати баҳорӣ ва тирамоҳии соли 2009 аз тарафи комиссариатҳои ҳарбии шаҳри ва ноҳиявии вилояти Суғд тақрибан 15 000 ҷавонон, ки ба даъват ба хизмати ҳарбӣ шомиланд, гузаштанд. 5000 нафар бошанд, ба хизмати ҳарбӣ даъват карда шуданд.

Дар се соли охир таҷриба нишон медиҳад, ки сабаби асосии ҳуқуқвайронкуниҳо ин ба таври зарури иҷро накардани меъёрҳои қонун аз тарафи мақомотҳои масъул ба даъват мебошад. Дар натиҷа даъватшавандагон ва намояндагони қонунии онҳо маҷбуранд бо аризаву шикоят ба намояндлагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва прокуратура, инчунин ба ҳар гуна ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшудаи худ муроҷиат кунанд. Дар ин ҳолат бояд онро ба инобат гирифт, ки танҳо як қисми ин ҳуқуқвайронкуниҳо ба маълумоти ташкилоти ҳукқуқҳимоякунанда мерасад ва он маълумоте, ки дар ихтиёри онҳо қарор дорад на ҳама вақт бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шудааст ки он барои интишор кофӣ нест.

[2] Моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 ноябри соли 2000.

Мақсади асосии мониторинги «Риояи ҳуқуқи инсон дар давраи даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ» ин ҷамъоварии маълумоти дуруст оиди риояи ҳуқуқи инсон дар давраи даъват ба хизмати ҳарбӣ, ошкор кардани конуншиканиҳо дар давраи даъват, инчунин баровардани тавсияҳо барои беҳтар кардани ҳолат дар соҳаи даъват ба хизмати ҳарбӣ ба шумор меравад.

Дар ҳисоботи мазкур натиҷаҳои мониторинги дар давраи даъвати баҳорӣ ва тирамоҳии соли 2009 гузаронидашуда оварда шудаанд.

Имрӯзҳо як қатор ташкилотҳои ҷамъияти, ки бо ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандоне, ки ба хизмати ҳарбӣ даъват мешаванд машғуланд, барои баланд бардоштани дониши ҳуқуқии шаҳрвандони синни даъват ва ҳифзи ҳуқуҳои конститутсионии онҳо чораҳо андешида истодаанд. Аммо масъалаи баланд бардоштани дониши ҳуқуқии шаҳрвандони ба синни даъват расида ҳоло ҳам актуалӣ аст.

## РЕЗЮМЕ

Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Ҷавон «Ампаро» (минбаъд АҲҶ «Ампаро») фаъолияти худро дар соҳаи ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон аз соли 2005 инҷониб ба роҳ мондааст. Яке аз соҳаҳои фаъолияти АҲҶ «Ампаро» ин «Ҳифзи ҳуқуқи даъватшавандагон ва хизматчиёни ҳарбӣ » ба шумор меравад. Аз соли 2007 шурӯъ карда АҲҶ «Ампаро» ду маротиба дар як сол мониторинги «Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар давраи даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ »-ро мегузаронад.

Ҳисоботи мазкур аз тарафи АҲҶ «Ампаро» аз рӯи натиҷаҳои мониторинге, ки дар асоси лоиҳаи «Мусоидат намудан барои риояи ҳуқуқи даъватшавандагон дар давраи даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ» гузаронида шуда буд, бо дастгирии молиявии Фонди Миллӣ барои дастгирии Демократия (NED) омода шудааст.

Вазифаи мониторинги гузаронидашуда ин омӯзиши вазъият дар соҳаи даъват ба хизмати ҳарбӣ буда, инчунин муайан намудани поймолшавии ҳуқуқи даъватшавандагон аз вақти даъвати онҳо ва то фиристодан ба макони адои хизмати ҳарбӣ мебошад.

Дар тартиб додани ҳисоботи мазкур ҳамчун манбаъи маълумот, 105 муроҷиат ва шикоятҳое, ки аз тарафи даъватшавандагон ва волидайни онҳо ба қабулгоҳи ҷамъиятии АҲҶ «Ампаро» ворид гаштанд, инчунин натиҷаҳои пурсиши 992 ҷавонони ба синни даъват расида ва 414 волидайни даъватшавандагон истифода шудаанд.

Чӣ тавре ки аз маълумотҳои оморӣ маълум мегардад, ҳолатҳои оммавии поймолшавии ҳуқуқҳои даъватшавандагон дар ҳолати дастгиркунии ғайриконунии онҳо рух медиҳад, ки дар вақти гузаронидани «облава» ва инчунин дар вақти гузаронидани муоинаи тиббӣ сурат мегирад.

Аксар шаҳрвандони ба АҲҶ «Ампаро» муроҷиат намуда ва оиди поймолшавии ҳуқуқҳояшон шикоятнамуда, дар

бобати сабти ному насабашон дар ҳисобот норозигӣ баён намуданд. Аз сабаби зарурати нигоҳдории ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки хостанд «ношинос» монанд, на ҳама он маълумоте, ки дар рафти мониторинг дастраси АҲЧ «Ампаро» гардид, бо нишондод ба даъватшавандагони мушаххас мураттаб мегарданд.

**Ҳисоботи мазкуррро пешкаш намуда, АҲЧ «Ампаро» зарурияти таваҷҷӯҳи махсуси мақомотҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ, мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ, ҷамъиятҳои тоҷик ва байналмилал, васоитҳои ахбори оммаро барои он равона месозад, ки мушкилотҳои поймолшавии қонунгузории мавҷуда ва ҳуқуқи инсон дар вақти гузаронидани даъват характери такроршавӣ ва систематикӣ доранд ва зарур аст, ки таҷрибаи кори комиссияҳои даъват ва комиссариатҳои ҳарбӣ баҳри манфиатҳои риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон тағйир дода шаванд.**

# МЕТОДОЛОГИЯ

Мониторинги «Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар даваран даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ » аз 15 март то 31 май ва аз 20 сентябр то 10 декабри соли 2009 гузаронида шуд. Ҷамъоварии фаъолонаи иттилоот оид ба мониторинг аз 1 апрел то 31 май ва аз 1 октябр то 30 ноябри соли 2009 сурат гирифт.

Мониторинг дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии масъул ба даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ гузаронда шуд. Гурӯҳи мониторингӣ бо намояндагони комиссияҳои даъватии шаҳриву ноҳиявии вилояти Суғд, раиси комиссияи даъвати вилояти Суғд, прокуратураи ҳарбии вилояти Суғд ва комиссарони ҳарбии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд вохӯриҳо намуд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи намояндагони зикршудаи ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти ба роҳ мондаи АҲҶ «Ампаро» ва беҳтар намудани вазъи мавҷудбудаи ҳуқуқҳои даъватшавандагон ва хизматчиёни ҳарбӣ мароқ зоҳир намуданд.

Гурӯҳи мониторингӣ аз ҳисоби ҳуқуқшиносони Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон «Ампаро», ки тренингу семинарҳо оид ба тарзи баргузории мониторинги риояи ҳуқуқи инсон гузашта буданд, иборат мебошад.

Гурӯҳи мақсадноки мониторинг инҳо буданд:

1. Шахсони синни даъватӣ (992 нафар);

2. Волидони даъватшавандагон (414 нафар);

3. Шаҳрвандоне, ки барои гирифтани маслиҳати ҳуқуқӣ ба қабулгоҳи ҷамъиятии АҲҶ «Ампаро» муроҷиат кардаанд (105 нафар);

Ба ҳисоби умуми мониторинг 1511 нафарро фаро гирифт.

Дар шаҳру ноҳияҳои зерини вилояти Суғд (шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби шумораи аҳолӣ интихоб шуданд) мониторинг гузаронда шуд:

1. Хуҷанд; (асосан дар маҳалли комиссариати ҳарбии шаҳри ва вилоятӣ)
2. Конибодом;
3. Истаравшан;
4. Ғончӣ;
5. Ашт;
6. Исфара;
7. Шаҳристон

Дар рафти гузаронидани мониторинг методҳои зерини таҳлилӣ ва гирифтани маълумот истифода шуданд:

1. Таҳлили санадҳои байналҳалқӣ ва санадҳои меъёри-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба танзим медароранд.
2. Мусоҳиба:
- пурсиш/саволнома
- фокус-группа
3. Суратгирӣ;
4. Назоратбарӣ;
5. Таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон ба АҲҶ «Ампаро»

## НАТИЧАҲОИ МОНИТОРИНГ

Натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда аллакай якум сол нест, ки оиди характери ниҳонӣ ва давомдор

доштани қонуншиканиҳо дар соҳаи даъват шаҳодат медиҳанд, ки дар натиҷаи надонистани қонунҳо аз тарафи худи даъватшавандагон, амалиётҳои ғайриқонунии кормандони алоҳидаи комиссариатҳои ҳарбӣ ва комиссияҳои даъват, надонистани кормандони алоҳидаи комиссариатҳои ҳарбӣ ва мақомотҳои иҷроия дар маҳалҳо қонунҳои амалкарда рух медиҳанд.

Маълумотҳои дастрасгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки қонунвайронкуниҳои ҷойдошта характери якбора надошта балки такроршаванда ва систематикӣ мебошанд. Маълумотҳои аз тарафи манбаъҳои кушод ва шахсони мансабдор, пурсиши даъватшавандагон ва волидони онҳо гирифта шуда нишон медиҳанд, ки қариб ки ҳамаи он муроҷиат намудагон ба ҳар ҳол бо поймолшавии ҳуқуқҳои худ рӯ ба рӯ шуданд.

Таҳлили қонунвайронкуниҳои маълумгардида дар поён оварда шудаанд.

## А) ДАЪВАТ БА КОМИССАРИАТИ ҲАРБИ ВА РИОЯИ МӮҲЛАТҲОИ ДАЪВАТ.

Даъвати шаҳрвандон ду маротиба дар як сол амали мегардад: даъвати баҳорона аз 1 апрел то 31 май, тирамоҳӣ аз 1 октябр то 30 ноябр.

**Супоридани даъватнома**

Мувофиқи банди 22 Низомнома «Дар бораи тартиби даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ » аз 4 маи 1998 таҳти рақами №141 даъватнома ба даъватшавандагон бояд на дертар аз **5 рӯзи** ҳозиршавӣ ба участкаи даъвати барои гузаштани комиссияи даъват супорида шавад.

Мувофиқи моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» шаҳрвандони ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда ўҳдадоранд даъватномаи комиссариати ҳарбиро бо забонхат қабул намоянд. Даъватномаро ба шаҳрвандон кормандони комиссариати ҳарбӣ ё дар ҷои кори (таҳсили) шаҳрванд роҳбарон, дигар шахсони (кормандони) вазифадор ба кори

баҳисобгирии ҳарбӣ масъули ташкилотҳо, инчунин шахсони вазифадори ба кори ба ҳисобгирии ҳарбӣ масъули ҷамоатҳо месупоранд. Дар даъватнома бояд оқибати ҳуқуқии аз тарафи шаҳрвандон иҷро нагардидани талаботҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда зикр шуда бошад.[3].

Дар рафти гузаронидани мониторинг як қатор қонуншиканиҳо ба назар расиданд.

Якум, маъракаҳои даъвати, аз ҷумла супоридани даъватнома ба даъватшавандагон барои ҳозир шудан ба комиссариати ҳарбӣ барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ, аз ҷониби комиссарҳои ҳарбӣ пештар аз 1 апрел дар даъвати баҳорӣ ва аз 1 октябр дар даъвати тирамоҳӣ амали гардид. Даъватномаро гирифта даъватшавандагон ба комиссариати ҳарбӣ хеле барвақт аз он мӯҳлате, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ ҳозир шуданд. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» ба таври мушаххас мӯҳлатҳои даъват инъикос ёфтааст ва гарчанде, ки супоридани даъватнома ва гузаштан аз муоинаи тиббӣ ин маъракаи даъвати ба ҳисоб меравад, комиссариатҳои ҳарбӣ даъватномаро барои ҳозир шудан ба комиссариати ҳарбӣ ба даъватшаванда пеш аз мӯҳлати муайян намудаи қонун (масалан 1 апрел) супорида, дағалона қонунгузории ҶТ-ро вайрон мекунанд.[4]

*Масалан, Даъватшаванда А., аз шаҳри Чкалов ба муоинаи тиббӣ, ки маъракаи даъвати ба шумор меравад, аллакай санаи 17 сентябри соли 2009 даъват карда шуд. Даъватшаванда мебоист санаи 27 сентябри соли 2009 ба муоинаи тиббӣ ҳозир шавад, яъне 4 руз пештар аз мӯҳлати даъват.*

[3] Моддаи 27 Қонуни ҶТ«Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ»

[4] Моддаи 22 Қонуни ҶТ«Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ», Даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ду маротиба дар як сол амали мегардад: аз 1 апрел то 31 май ва аз 1 октябр то 30 ноябр.

Барои муайан намудани сатҳи риояи мӯҳлати даъват пурсидашудагон аз байни даъватшавандагон бояд ба чунин савол ҷавоб гӯянд: «Кай Шумо даъватномаро барои ҳозир шудан ба комиссариати ҳарбӣ гирифтед?» (**Диаграммаи №1**).




**Диаграммаи №1**

28% пурсидашудагон даъватномаро пеш аз мӯҳлати даъватии муайакардаи қонунгузорӣ гирифтанд. Аз байни волидони даъватшавандагон дар 17% ҳолатҳо ин ҳодиса ҷой дошт, ки 22,5%-и шумораи умумии пурсидашудагонро ташкил медиҳад. Аммо, ғайр аз ин 17% пурсидашудагон қайд карданд, ки онҳо умуман даъватномаро нагирифтаанд. Аз байни волидайни даъватшавандагон бошад, набудани даъватномаро 11% пурсидашудагон тасдиқ карданд.

Дуюм ин ки, дар раванди супоридани даъватномаҳо, ҳолатҳои таҳқиркунӣ ва тарсонидани даъватшавандагон, аъзоёни оилаи онҳо ва хешовандонашон ҷой доштанд (100 ҳолатҳо). Инчунин вайроншавии дахлнопазирии манзил, ва ба доми фиреби намояндагони комиссияҳои даъвати афтидани пурсидашудагон (17 ҳолат) ба назар мерасад. (**Диаграммаи №2**).






**Диаграммаи №2**

Масалан, дар вақти супоридани даъватнома, кормандони комиссариати ҳарбӣ ба даъватшавандагон ваъда додаанд, ки онҳо танҳо муоинаи тиббиро мегузаранд ва баъди ин онҳоро ба хонаҳояшон ҷавоб медиҳанд, аммо дар асл, дар натиҷа ба даъватшавандагон ҳатто имконияти ҷамъоварии лавозимот барои гузаштани хизмати ҳарбӣ ва бо наздикон хайрухуш карданро надода онҳоро ба макони адои хизмат равона кардаанд.

Далелҳои мазкур дар вақти мулоқотҳо бо волидони даъватшавандагон маълум гаштанд. (**Диаграммаи №3**). Намояндагони комиссияҳои даъват бе иҷозат ба хонаҳо ворид гашта, бо волидайни даъватшавандагон муносибати дағал карда, таҳдид мекарданд.

Таҳдидҳо, муносибати дағалона ва намоишкоронаи кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ ва намояндагони комиссияҳои даъват дар муомила бо худи даъватшавандагон низ ҷой доштанд. (**Диаграммаи №4**).

**Муносибати коркунони комиссариати ҳарбӣ ҳангоми муомила бо волидони даъватшавандагон**



Аз тарафи коркунони комиссариати ҳарбӣ ва намояндагони комиссияҳои даъват нисбати даъватшавандагон таҳдидҳое, низ буданд, ки дар ҳолати ҳозир нашудан бо даъватнома, онҳоро ба ҷойҳои на он қадар ҷолиб барои адои хизмат равон месозанд.

**Муносибати коркунони комиссариати ҳарбӣ ҳангоми муомила бо худи даъватшавандагон**




Диаграммаи №4

Сеюм, далелҳо ошкор шуданд, ки супоридани даъватнома танҳо баъди маҷбуран бо истифодаи «облава» овардани даъватшаванда ба комиссияи даъват сурат гирифт. Яъне даъватшавандаро аввал ба комиссияи даъват меоваранд ва баъд даъватномаро месупоранд, ки ӯ онро дар худи ҳамон ҷо имзо мекунад. Дар ин ҳолат низ меъерҳои Низомнома, ки супоридани даъватномаро 5 рӯз пеш аз даъват ба комиссариати ҳарбӣ муқарар кардааст, вайрон мешавад.

## Б) ДАСТГИРКУНИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ (ОБЛАВА)

*Оё «облава» қонунист?*

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки мафҳуми «облава» дар қонунгузории ҶТ вуҷуд надорад. «Облава» гуфта дар ҷамъият кирдорҳои ғайриқонунии намояндагони комиссариатҳои ҳарбӣ ва милитсияро, ки барои дастгиркуни ва овардани шаҳрвандони синни даъвати равона карда шудааст, ба комиссияҳои даъвати мебошад. Аксар вақт «облава» дар ҷойҳои ҷамъияти сурат гирифта, характери таваккали дорад. Гирифтори облава ҳамаи он шаҳрвандоне мешаванд, ки ба синни даъвати расидаанд, новобаста за он, ки онҳо ҳуқуқи озод шудан ё ба таъхир андохтани мӯҳлати даъватро ба хизмати ҳарбӣ доранд ё на. Мақсади «облава» ин пур намудани сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳолати норасоии шумораи муайани нақшаи даъват мебошад.

«**Облава**» - дастгиркунии шаҳрванд, бе супоридани пешакии даъватнома аз тарафи намояндагони комиссияҳои даъват, комиссариатҳои ҳарбӣ ва кормандони милитсия дар кӯчаҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ, бо мақсади овардан ба комиссариати ҳарбӣ барои гузаронидани маъракаи даъвати ва баъдан фиристодан ба макони адои хизмати ҳарбӣ ба шумор меравад.

Облава ин кирдори ғайриқонуни ба шумор рафта, ҳуқукҳои шаҳрвандон ва расмиёти даъватро ба хизмати ҳарбӣ, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» муқарар кардааст, вайрон мекунад.

Дар соли 2009 дар қабулгоҳи ҳуқуқии АҲҶ «Ампаро» аз 105 ҳолати ба қайд гирифташуда 14 ҳолат бо «облава» алоқаманд буданд.

*Масалан, донишҷӯ А аз тарафи комиссариати ҳарбӣ дастгир карда шуда, ба комиссариати ҳарбӣ оварда шуд. Баъди аниқ кардани он, ки шаҳрванд А донишҷӯ аст, коркунони комиссарити ҳарбӣ баъди як рӯзи нигоҳ доштани донишҷӯ дар комиссариати ҳарбӣ ўро ҷавоб доданд, чунки у ҳуқуқ ба таъхир вобаста ба таҳсил дошт.*

Мониторинги гузаронида шуда нишон медиҳад, ки кормандони милитсия ва инчунин кормандони комиссаритҳои ҳарбӣ «облава»-ро дар кӯчаҳо, ҷойҳои ҷамъияти амали карда, шаҳрвандонро ғайриқонунӣ дастгир намуда ба комиссариати ҳарбии маҳалли меоваранд. Дастгиркуни ба таври таваккали рух медиҳад, яъне на фақат саркашон дастгир мешаванд, балки он нафароне низ ки даъватномаро нагирифтаанд, ё ин ки умуман ҳуқуқи озод шудан ва ба таъхир андохтани мӯхлати хизмати ҳарбиро доранд. Тартиби овардан ба комиссариатҳои ҳарбӣ дар шакли дағалона амали мегардад. Дар вақти овардан ба комиссариатҳои ҳарбӣ ҷавонон то вақти фиристодан ба макони адои хизмат нигоҳ дошта мешаванд. Онҳое, ки ҳуқуқ ба озод шудан ва ба таъхир андохтани мӯҳлати даъватро доранд, аз комиссариатҳои ҳарбӣ ҷавоб дода мешаванд.

Баъди овардан ба комиссариатҳои ҳарбӣ даъватшаванда фавран аз муоинаи тиббӣ бе тайёрии пешаки ва бе ягон ҳуҷҷатҳои тиббӣ, ки ҳолати саломатии ӯро тасдиқ мекунад, мегузарад. Дар натиҷаи чунин муоинаи тиббӣ қариб ки ҳама вақт қобили хизматии даъватшаванда ба хизмати ҳарбӣ гузошта мешавад, ва минбаъд нисбати даъватшаванда қарор дар бораи даъват ба хизмати ҳарбӣ қабул карда мешавад. Худи ҳамон рӯз ҷавононро ба нуқтаи ҷамъомадии вилояти равона мекунанд, ки дар он ҷо аз сари нав пеш аз фиристодан ба макони гузаштани хизмати ҳарбӣ аз муоинаи тиббӣ мегузаранд. Дар давоми 2-5 рӯз шаҳрвандони даъватшуда аллакай ба қисмҳои ҳарбӣ фиристода мешаванд. Дар аксари маврид ба даъватшудагон имкон дода намешавад, ки бо хешовандонашон хайрухуш кунанд, чизҳои зарурии то ба қисми ҳарбӣ расиданро (хӯрок, лавозимоти гигиени ва ғ.) гиранд, ё дар сурати норози будан аз болои қарори комиссияи даъват ба суд муроҷиат кунанд. Ҳатто дар сурати мавҷуд будани қаламу қоғаз ҳам ҷавони даъватшуда ба суд муроҷиат карда наметавонад, зеро кормандони комиссияи даъват ӯро маҷбуран дар комиссияҳои даъватии шаҳру ноҳияҳо нигоҳ

медоранд, ки ин хилофи моддаи 24 Конститутсияи ҶТ ки озодии харакатро кафолат медиҳад, мебошад.

Натиҷаҳои мониторинг нишон медиҳанд, ки дар ягон ҳолати овардани «саркашон» тартиби маъмури-мурофиавӣ риоя карда нашудааст.

Аз 992 нафар даъватшавандагони пурсидашуда 325 нафар (33%) ҷавоб доданд, ки онҳо ба «облава» дучор гардиданд. (**Диаграммаи №5**).

Аз байни волидони даъватшавандагони пурсидашуда ҷой доштани далели овардани маҷбурии фарзандашонро 26 % пурсидашудагон тасдиқ карданд. (**Диаграммаи №6**). Ба ҳисоби миёна ин 29,5 % ҳамаи пурсидашудагонро ташкил медиҳад.

**Шумо ба "облава" дучор шудаед?**




**Диаграммаи №5**

**Писари Шумо ба "облава" дучор шудааст?**




**Диаграммаи №6**

Ҳуқуқвайронкунии мазкур дар шаклҳои гуногун инъикос ёфтааст – аз дастгиркунии даъватшавандагон дар кӯчаҳо сар карда, то вайрон кардани дахлнопазирии манзил анҷом меёбад, вақте ки намояндагони комиссияҳои даъвати бе иҷозат ба хонаҳо зада даромада зӯран шахсони ба синни даъват расидаро ба комиссариатҳои ҳарбӣ меоварданд. Инчунин ҳолатҳое низ буданд, ки шахсони ба синни даъват расидаро дар бозорҳо, марказҳои интернети ва ғайра ҷойҳои ҷамъиятӣ боздошт мекарданд. Дар давраи гузаронидани мониторинг ҳолатҳое низ ба қайд гирифта шуданд, ки дар фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд шаҳрвандони ба синни даъват расидаро, ки мехостанд аз ҳудуди мамлакат берун раванд, ё баръакс аз дигар давлатҳо ба ҷумҳурӣ ворид шаванд, намояндагони комиссариатҳои ҳарбӣ бо мақсади муайян

кардани он, ки ин даъватшаванда ҳуқуқ ба таъхир ё озод шуданро аз хизмати ҳарбӣ дорад ё не, ӯро боздошт карда, ба комиссариатҳои ҳарбӣ меоварданд. Инчунин дар фурудгоҳ далелҳои аз тарафи кормандони фурудгоҳ дағалона поймол кардани ҳуқуқҳои шахрвандон (дар вақти назорати шиносномавӣ, бақайдгирии гумруки) низ ҷой доштанд, масалан аз даъватшаванда талаб кардани билети ҳарбӣ. Дар ҳолати набудани билети ҳарбӣ кормандони дар боло зикргардида аз даъватшаванда бо таҳдиди фиристодан ба комиссариати ҳарбӣ пул талаб мекарданд. Ғайр аз ин ҳолатҳое низ мушоҳида шуданд, ки даъватшавандагонро дидаю даниста маълумоти бардуруғ медоданд, ки гуё шаҳрвандони билети ҳарбӣ надошта ҳуқуқи тарки ватанро надоранд. Дар ин ҳолат низ даъватшавандагон маҷбур мешуданд, ки барои гирифтани «иҷозат ба паридан» маблағи муайянро диҳанд.[5]

Вобаста аз такроршавии ин намуди ҳуқуқвайронкунӣ дар ин ё он макон, ба тавре «ҷойҳои хавфнок», ки он ҷо хавфи бештари дучор шудан ба «облава» ҷой дорад, муайян карда шуданд.

1. Кӯча - дар 32,7% -и ҳамаи ҳолатҳо;
1. Хона - дар 28,8%-и ҳамаи ҳолатҳо;
*2.* Бозор - дар 13,1%-и ҳамаи ҳолатҳо;

*Облава* тартиби даъватро вайрон мекунад, ки мувофиқи он даъватшаванда ба комиссариати ҳарбӣ бояд 5 рӯз пеш аз мӯҳлати ҳозир шуданаш супорида шавад. Дар ҳолати бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан, нисбати даъватшаванда чораҳои маъмурӣ андешида мешаванд.

*Облава* ин механизми даъвати шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки аз тарафи қонун пешбинӣ нашудааст ва комиссариатҳои ҳарбӣ аз он дар доираи ваколатҳои худ истифода мебаранд, ки ин дар ҳуқуқи ҷиноӣ аз хадди ваколати хизмати баромадан ном дорад.

---

[5] Ин нишондодҳо аз пурсиши шаҳрвандон ва сомонаи интернети гирифта шудаанд. http://www.youtube.com/watch?v=K-nQ11eFBhI

*Облава* ҳамчун тартиби даъвати ғайриконунӣ як қатор ҳуқуқҳои Конститутсионии шаҳрвандонро поймол месозад, аз ҷумла, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил, ҳуқуқ ба озодии ҳаракат, ҳуқуқҳои инсонро маҳдуд карда, шаъну шарафи ӯро паст мезанад.

**Ба фикри Шумо, кӣ ҳуқуқи боздошт кардани шаҳрвандони аз хизмат саркашӣ кардаро дорад?**




Диаграммаи №7

## В) ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ: МЕЪЁРҲОИ ҚОНУН ВА ТАҶРИБА

*Тартиби қонунии овардани даъватшавандагони саркаши карда ба комиссияи даъват чи гуна аст?*

Баъди гирифтани даъватнома даъватшаванда бояд ба комиссариати ҳарбӣ ҳозир шавад. Дар ҳолате, ки даъватшаванда бе сабабҳои узрнок ба комиссариати ҳарбӣ ҳозир нашуд ё ин ки ба дигар қонунвайронкуниҳое, ки дар моддаҳои 683-691 Кодекси ҶТ «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» оварда шудаанд, роҳ дод ӯ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Барои баррасии парвандаҳо оиди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъйини ҷазои маъмурӣ аз номи комиссариати ҳарбӣ комиссарони ҳарбии шаҳру ноҳияҳо ваколат доранд.[6]

[6] Моддаи 724 Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аз 31 декабри 2008 сол

Вазифаҳои истеҳсолот оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чунинанд: саривақт, ҳаматарафа, пурра ва воқеъбинона муайян кардани ҳолати ҳар як парванда, ҳаллу фасли он мутобиқи қонунгузорӣ, таъмини иҷрои қарори қабулшуда, *инчунин муайян намудани сабабу ҳолатҳое, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат менамоянд,* пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дар рӯҳияи риояи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон ва таҳкими қонуният.[7]

Ҳуқуқвайронкуниро аз тарафи даъватшаванда дар намуди ҳозир нашудан бе сабабҳои узрнок дида баромада, комиссари ҳарбӣ ӯҳдадор аст, нисбати он чораҳои маъмурӣ андешад. Дар асл бошад, комиссариати ҳарбӣ ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро нодида гирифта, мекӯшад даъватшавандагонро барои иҷрои нақшаи даъват ба хизмати ҳарбӣ фиристад.

Истеҳсолот оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, на дертар аз даҳ рӯзи оғоз намудани истеҳсолот оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ анҷом дода мешавад.[8] Парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз лаҳзаи баровардани таъинот ва ё қарор оиди оғози парванда оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳисоб меёбад.

Дар бораи содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз тарафи шахси ваколатдор бояд протокол тартиб дода шавад. Протокол дар доираи ваколати худ аз тарафи комиссари ҳарбии шаҳри ё ноҳияви тартиб дода мешавад.

Дар ҳолати ҳозир нашудани даъватшаванда дар рӯзи таъиншуда бе сабабҳои узрнок, комиссари ҳарбӣ ба мақомоти корҳои дохила барои кофтукови ӯ хабар медиҳад. Маводҳо барои он шахсоне, ки қасдона аз даъват ба хизмати ҳарбӣ саркаши менамоянд, ба мақомотҳои марбут барои ба

---

[7] Моддаи 733 Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

[8] Қисми 2 моддаи 734 Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

ҷавобгарии маъмури ё ҷинои кашидани онҳо тибқи қонунгузории ҷорӣ фиристода мешавад.[9]

Мақомотҳои корҳои дохили ўҳдадоранд, ки кофтуков гузаронида, дар ҳолати ҷой доштани асосҳои қонуни шаҳрвандоне, ки аз бақайдгирии ҳарбӣ , даъват ба хизмати ҳарбӣ , гузаштани хизмати ҳарбӣ ё алтернативӣ саркаши менамоянд, дастгир намоянд; дар муддати 7 рўз ба комиссариатҳои ҳарбии дахлдор хабар медиҳанд. (Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» моддаи 3) Дар ҳолати дастгир кардан ва овардани даъватшаванда ба бинои мақомоти корҳои дохила, кормандони мақомоти корҳои дохили бояд протокол оиди дастгиркунии маъмури тартиб диханд.

Овардан бояд дар муддати ҳарчи кўтоҳ амали карда шуда ва нигоҳдоштани шахси овардашуда дар утоқи кории мақомотҳои корҳои дохили ё дигар утоқи кори барои тартиб додани протокол набояд аз ду соат зиёд бошад.

Дар бораи овардани ҳуқуқвайронкунанда протокол тартиб дода шуда ё ин ки сабти дахлдор дар протокол оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмури бояд гузошта шавад. Нусхаи протокол оиди овардан бо хоҳиши худи ў ба шахси овардашуда супорида мешавад.

Дар ин ҳолат даъватшаванда набояд ба комиссияи даъват барои гузаштан аз маъракаҳои даъвати ё фиристодан ба хизмати ҳарбӣ ва ғайраҳо оварда шавад.

Даъватшавандаи дастгиршуда ба ҷавобгарии маъмури аз тарафи комиссариати ҳарбӣ кашида мешавад, чунки дар асоси моддаи 724 Кодекси ЧТ «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмури» ин гуна ваколат ба хамин мақомот вогузошта шудааст. Парванда бояд дар муддати бист руз дида баромада шавад.

Баъди баррасии парванда қарор бароварда мешавад. Аз болои қарор оиди ҳуқуқвайронкунии маъмури дар муддати 10 шабонарўз аз рўзи супоридан ё гирифтани нусхаи қарор шикоят карда мешавад. Шикоят ба мақомоти давлатии

[9] Пункти 77 Дастурамал оиди тайёри ва гузаронидани даъвати шахрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва рухсат шудани аскар ва афсарон ба эҳтиёт, ки хизмати ҳарбиро аз рўи даъват адо мекунанд.

ваколатдоре (шахси мансабдор), ки қарор баровардааст дода шуда, онҳо ӯҳдадоранд, дар давоми се шабонарӯз аз рӯзи воридшавии шикоят онро бо ҳамаи маводҳои парванда ба суди дахлдор, мақомоти давлатии болои (шахси мансабдор) фиристанд.

## Г. ПОЙМОЛШАВИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ҲАНГОМИ МУОИНАИ ТИББӢ

Поймолшавии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми гузаштан аз муоинаи тиббӣ – ин яке аз ҳуқуқвайронкуниҳои паҳншудатарин ҳангоми гузаронидани маъракаҳои даъват ба ҳисоб меравад. Ба хизмати ҳарбӣ ҷавонони бемор қобили хизмат дониста мешаванд, ҳол он ки ба онҳо аз сабаби вазъи саломатиашон ҳуқуқ ба таъхир ё озод шудан бояд дода шавад.

Шаҳрвандон оиди асосҳои тиббии қобили хизмат ё ғайри қобили хизмат донистани даъватшаванда ба таври кофӣ маълумот надоранд, аз он ҷумла дар бораи рӯихати бемориҳое, ки яке аз ҳуҷҷатҳои асоси ҳангоми муайянкунии қобили хизмат будани даъватшаванда аз рӯи вазъи саломатӣ ба хизмати ҳарбӣ ба шумор меравад.

Муоинаи тиббӣ маъракаи муҳим ҳангоми даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ба ҳисоб меёбад, ки онро бояд ҳар як даъватшаванда гузарад.

Зери мафҳуми муоинаи тиббӣ омӯзиш ва баҳодиҳии ҳолати саломатӣ, инкишофи ҷисмӣ ва равонии шаҳрвандон дар вақти муоина, бо мақсади муайян кардани қобили хизмат будани онҳо ба хизмати ҳарбӣ фаҳмида мешавад.

Муоинаи тиббӣ бояд ҳатман дар мӯҳлатҳои даъват гузаронида шавад, яъне аз 1 апрел то 31 май ва аз 1 октябр то 30 ноябр. Муоинаи тиббӣ аз тарафи духтурон-мутахассисони комиссияи даъват гузаронида мешавад.

Муоинаи ғоибона манъ карда шудааст, яъне дар ҳолати набудани худи даъватшаванда муайян кардани қобили хизмат будани ӯ ба хизмати ҳарбӣ мумкин нест.

Чунин категорияҳои қобили хизмат будан мавҷуданд:

1. Қобили хизмати ҳарбӣ ;
2. Қобили хизмати ҳарбӣ будан бо маҳдудияти ҷузъӣ;
3. Қобили маҳдуд ба хизмати ҳарбӣ (ба хизмати ҳарбӣ дар замони осоишта шоиста нест, вале дар замони ҷанг шоистаю ҷоиз аст то чун ғайриқаторӣ хизмат кунад);
4. Муваққатан қобил набудан;
5. Қобил набудан ба хизмати ҳарбӣ (бо ихтисор аз бақайдгирии ҳарбӣ).

Дар рафти гузаронидани мониторинг далелҳои вайрон кардани қоидаи гузаронидани муоинаи тиббӣ, поймолшавии ҳуқуқҳои даъватшаванда дар рафти гузаронидани муоина аз тарафи духтурони комиссияи тиббӣ ба кайд гирифта шуд.

Тартиби гузаштани комиссияи тиббӣ.

Якум, ҳар як даъватшаванда ӯҳдадор аст аз муоинаи тиббии духтурон гузарад. Ҳар яки онҳо бояд дараҷаи қобилияти даъватшавандаро ба хизмати ҳарбӣ муайан кунанд. Даъватшаванда дар вақти муоинаи тиббӣ бояд аз азназагузаронии чунин духтурон гузарад: ҷарроҳ, духтури амрози дарунӣ, асабшинос, духтури рухшинос, духтури чашм, духтури гуш гулу бинӣ, духтури дандон ва дар ҳолатҳои зарури – дигар духтурон. Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бора УУХ ва ХХ» ва Дастурамал оид ба тайёрӣ ва гузаронидани даъвати шаҳрвандони Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ ва рухсат шудани хидматчиёни ҳарбӣ барои эҳтиёт, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо менамоянд, муйан карда шудааст, ки шумораи духтуроне, ки муоинаи тиббиро мегузаронанд, набояд аз ҳафт нафар кам бошад. Инчунин, қонунгузор на танҳо шумора, балки соҳаи фаъолияти духтуронро низ муайян кардааст.[10]

Дар Қонуни ҶТ «Дар боари ӮУҲ ва ХҲ» фақат рӯихати мухтасари духтуроне, ки бояд ҳатман дар муоинаи тиббӣ иштирок кунанд оварда шудааст. Ғайр аз ин дуруст мебуд, агар чи тавре ки қонун пешбинӣ намудааст, барои гузаронидани муоинаи тиббӣ боз духтурони дигар ихтисосҳо,

[10] Моддаи 12 Қонуни ҶТ«Дар бораи ӮУҲ ва ХҲ»

ба монанди дурухтури касалиҳои дил, эндокринолог ва гастроэнтеролог иштирок кунанд.

Қонун шумораи минималии духтуронро, ки бояд дар муоинаи тиббӣ иштирок кунанд, пешбинӣ намудааст, аммо дар таҷриба ин шумора то се нафар фаромадааст. Дар вақти пурсиши даъватшавандагон маълум гашт, ки дар муоинаи тиббӣ аз 3 то 15 духтурони ихтисосҳои гуногун иштирок намудаанд. **(Диаграммаи №8)** Дар 61 % ҳолатҳо шумораи духтурон мутобиқи меъёри пешбини намудаи қонун буд. Дар 10 % ҳолатҳо шумораи онҳо аз 7 нафар зиёд буд.

**Ҳангоми гузаштан аз муоинаи тибби чанд духтур Шуморо муоина намуданд?**




**Диаграммаи №8**

Дар натиҷа ба намояндагони комиссияи тиббӣ фақат ба фикру андешаҳои ҳамкорони худ бовар кардан боқӣ мемонад, ё ин ки шаҳрвандонро ба муоинаи иловагӣ фиристанд, ё ин ки қарорро берун аз доираи ихтисос ва кордонии худ бароранд.

Тибқи қонунгузории ҶТ агар комиссияи даъват натавонад, дар ҷояш оиди қобили хизмат будани шаҳрванд хулоса барорад, он гоҳ метавонад, ба муассисаи тиббӣ-профилактикии дахлдор барои муоинаи тиббии амбулаторӣ ё статсионарӣ барои ташхиси беморӣ ё ин ки муолиҷа равон созад. Дар ҳолати равон кардан бояд ҳатман санад пур кардан шавад. Дар оянда даъватшаванда бо ин санад ҳамаи муоинаҳоро дар муассисаҳои тиббии давлати ба таври ройгон мегузарад.

Бисёр вақт дар таҷриба, гурӯҳи калони даъватшавандагон аз сабаби суст будани таҷҳизонии техникии комиссияҳои тиббӣ ба муоинаи иловагӣ фиристода мешаванд, чунки духтуроне, ки муоинаи тиббиро мегузаронанд, дараҷаи қобилии шаҳрвандро ба хизмати ҳарбӣ муайан карда наметавонанд. Дар бисёр ҳолатҳо даъватшавандагон муоинаро ба таври зарурӣ ва пурра нагузашта ба хизмати ҳарбӣ фиристода мешаванд, дар натиҷа даъватшавандагон ҳатто қобили хизмат будан ё набудани худро муайян намекунанд ва ҳуқуқ ба таъхир ё ҳуқуқи озод шуданашонро оид ба вазъи саломатӣ нафаҳмида мемонанд.

Дар вақти гузаштани комиссияи тиббӣ даъватшаванда бояд ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти бемориҳои онҳоро тасдиқ мекунанд, агар дошта бошанд (маълумотномаҳо, натичаҳои ташхис ва таъиноти духтурон, варакаҳои тиббӣ ва ғ.) пешкаш намоянд. Инчунин даъватшаванда бояд дар вақти гузаштани муоина аз тарафи духтурон бемории худро ё масъалаҳое, ки оид ба вазъи саломатӣ ӯро ташвиш медиҳанд ба таври пурра ба духтур фаҳмонад. Бисёр вақт мавҷудияти баъзеи бемориҳо аз рӯи шикояти даъватшавандагон маълум карда мешаванд, ва агар даъватшаванда дар ин вақт дар ҳолати ҳаяҷоновар қарор дошта бошаду ба духтур оиди бемориҳояш шикоят накунад, ин ба он оварда мерасонад ки дар натиҷа духтур хулосаи нодуруст оиди қобили хизмат будани ӯ мебарорад. Ба қабулгоҳи ҳуқуқии АҲҶ «Ампаро» 5 нафар волидайни даъватшавандагон муроҷиат карда буданд ва онҳо хабар доданд, ки фарзандони онҳо бемориҳо доранд, аммо дар вақти гузаштани муоинаи тиббӣ оиди бемориҳояшон ба духтурон хабар надоданд. Ин вазъият аз он ҷихат боз душвортар буд, ки ин даъватшавандагон бо худ ҳуҷҷатҳое, ки бемории онҳоро тасдиқ мекард, надоштанд.

*Масалан, барои гирифтани машварати ҳуқуқӣ модари як даъватшаванда муроҷиат кард, ки писари ӯро бо итифодаи облава ба комиссариати ҳарбӣ овардаанд. Ду рӯз писари ин зан ба хона наомад ва дар рӯзи сеюм ӯ занг зада хабар дод, ки дар нуқтаи ҷамъомади даъватшавандагон қарор дораду ӯро қобили хизмат донистанд. Дар вақти гузаштан аз муоинаи тиббӣ, давъватшаванда ба вазъи саломатии худ шикоят накард ва бо худ ягон хуҷҷатро низ ки бемории ӯро тасдиқ мекард надошт. Ҳол он ки ӯ бемор буд ва аллакай чанд сол даъвати ӯ ба таъхир андохта мешуд. То он даме, ки модари ӯ дар дармонгоҳи ноҳиявиашон хуҷҷатҳоро ҷамъ мекард ва бо духтуроне, ки писари ӯро ҷарроҳӣ карда буданду ба ӯ хулоса баровper буданд дарёфт кард, даъватшавандаро аллакай ба хизмати ҳарбӣ фиристоданд.*

Муаммои асосии даъватшавандагон ва волидайни онон дар вақти гузаштани муоинаи тиббӣ ин он аст, ки дар аксарият ҳолат духтурон шикояти даҳони ва маълумономаҳои тиббиро оиди вазъи саломатии даъватшавандаро ба инобат намегиранд, дар натиҷа қарорро дар бораи қобили хизмат будани даъватшаванда ки ба воқеият рост намеояд қабул мекунанд.

Ин ҳуқуқвайронкуниҳо дар 47 % ҳолатҳои санҷидашуда ҷой доштанд (**Диаграммаи №9**)

Аз нисф зиёди ҳолатҳо (57%) ки дар он шикояти даъватшавандагон дар вақти шикоят кардан аз тарафи духтурон шунида шуд, ин шикоятҳо дар ҳеҷ куҷо ба қайд гирифта нашудаанд. (**Диаграммаи №10**).

Аз байни волидон далели онро ки шикояти фарзандони онҳо дар ҳеҷ куҷо ба қайд гирифта нашудаанд, дар 32 % ҳолат тасдиқ карданд.

Инчунин ҳолатҳое низ ба назар расиданд, ки коргарони комиссариатҳои ҳарбӣ ва намояндагони комиссияи даъват қабули ҳуҷҷатҳои тиббиро аз даъватшавандагон ва волидои онҳо рад карданд. Агар қабул карда бошанд ҳам, духтурони комиссияи тиббӣ ташхиси баровардаи ҳамкасбони худро, ки аз тарафи духтурони дигар муассисаҳои тиббӣ бароварда шудаанд ба инобат намегирифтанд.

**Ҳангоми гуфтани шикоятҳои худ аз тарафи духтурони комиссияи тибби ба он аҳамият дода шуд?**




**Диаграммаи №9**

Ҳолатхҳои гум шудани ҳуҷҷатҳои тиббӣ, ки мавҷудияти бемориро тасдиқ мекарданд, низ кам набуданд.

**Агар «Ҳа», пас шикоятҳои Шумо сабт гардидаанд?**




**Диаграммаи №10**

Ҳучҷҷатҳои тиббии аз тарафи даъватшавандагон пешниҳод менамуда дар шакли аслиаш дода мешаванд ва баъди гум шудани онҳо ҳама гуна имконияти тасдиқ кардани бемории даъватшаванда аз байн меравад. Ин аз он сабаб рух медиҳад, ки даъватшавандагон бе бақайдгирии шахси мансабдор онро месупоранд. Дар аксар ҳолатҳо баъди гум шудани нусхаи аслии ҳуҷҷат имконияти барқарор кардани он вуҷуд надорад.

Шахсони мансабдори комиссариатҳои ҳарбӣ, комиссияҳои даъвати мекӯшанд, ки қабули ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи даъватшавандаро рад намоянд ё ин ки

ҳуҷҷатҳоро бе бақайдгири мегиранд. Махсусан ин бо аксҳои рентгенӣ бисёртар рух медиҳад. Яъне қарори қабулшуда беасос ба ҳисоб меравад. Чораи асоси дар ин ҳолат ин тавассути суд исбот кардан мебошад, ки ин ҳам ба муаммо табдил меёбад, чунки одатан кор то суд намеравад. Сабаби асосии ин ҳолат ин сатҳи пасти маълумотнокии ҷавонон ва волидайни онҳо оиди мавҷудияти воситаҳои ҳимояи ҳуқуқҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳуқуқи ба таъхир андохтан ва озод шудан доир ба вазъи саломатӣ аз рӯи рӯихати бемориҳо муайян карда мешавад ки он барои даъватшавандагон дастнорас аст. Онҳо оиди он бемориҳое, ки дар ин рӯихат оварда шудаанд ягон маълумот надоранд.

Ҳодисае ба қайд гирифта шуда буд, ки ба даъватшавандае ки зери категорияи қобили маҳдуд ба хизмати ҳарбӣ (қобили маҳдуд ба хизмат дар вақти осоишта) рост меомад ҳар сол дар давраи даъват категорияи муваққатан қобил набуданро муайян мекарданд.

*Ба қабулгоҳи ҳуқуқии АҲҶ «Ампаро» модари даъватшаванда мурочиат кард. Писари ӯ ба бемории «псориази паҳншуда», гирифтор аст, ки дар асоси рӯихати бемориҳо ҳамчун қобили маҳдуди хизмат дониста мешавад. Аммо комиссияи даъват бемории даъватшавандаро ба категорияи муваққатан қобили хизмат набудан эътироф карда ҳар сол даъватшавандаро барои аз сари нав гузаштан аз муоинаи тиббӣ даъват мекард. Барои даъватшаванде, ки ҳуқуқхои худро намедонад ва бо рӯихати бемориҳо шинос нест, ин амалҳои комиссияи даъват нофаҳмо буд. Аз иштироки чандинбора дар муоинаи тиббӣ хаста шуда, модари даъватшаванда барои маслиҳати ҳуқуқи ба АҲҶ «Ампаро» мурочиат кард.*

Муаммоҳои дар ин боб овардашуда дар охир ба он оварда мерасонанд, ки ба хизмати ҳарбӣ шаҳрвандоне даъват карда мешаванд, ки аз сабаби вазъи саломатиашон аслан қобили хизмати ҳарбӣ нестанд. Сафи Кувваҳои Мусаллаҳ бо аскароне, ки наметавонанд ба таври кофӣ ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбиро иҷро намоянд пур мегардад. Бисёр вақт дар онҳо бемориҳои хроникиашон хурӯҷ карда ва дар охир онҳо на ҳама вақт ба хонаҳояшон баъди адои хизмати ҳарбӣ солиму бардам бармегарданд. Дар давоми 10 рӯзи аввали хизмат аксари даъватшавандагон аллакай ба госпиталҳои ҳарбӣ аз сабаби вазнин шудани вазъи саломатиашон бистарӣ мегарданд.

*Ба АҲҶ «Ампаро» сокини шаҳри Исфара муроҷиат намуд. Писари ӯ ба комиссариати ҳарбӣ барои гирифтани маълумотнома, ки барои гирифтани шиносномаи ҳориҷӣ зарур буд муроҷиат намудааст. Ӯ аз муоинаи тиббӣ гузашт ва ӯро қобили хизмат донистанд. Ҳамаи он шикоятҳо нисбати вазъи саломатӣ, маълумономаҳои тиббӣ, аз тарафи духтурон ба инобат гирифта нашуданд. Шикояти модари у низ ба мақомотҳои болои (Комиссияи даъватии вилояти), суд, дастгоҳи иҷроия ва ғ. бе натиҷа монданд. Дар охир ин шаҳрвандро ба хизмат фиристоданд. Тақрибан баъди як моҳ ин шаҳрванд ба госпитал бистарӣ гардид ва баъди якчанд вақт ба ӯ рухсати аз рӯи вазъи саломатӣ дода ба хонааш гусел карданд. Саломатии ӯ то ҳол бадтар шуда истодааст ва ҳамаи кӯшишҳо баҳри барқарор кардани саломатии ӯ бенатиҷа монданд. Экспертизаи тиббӣ нишон дод, ки бемории ӯ бо гузаштани хизмати ҳарби алокаманд нест, яъне комиссияи даъват ба хизмати ҳарби шаҳрванди беморро фиристодааст.*

## Д. РӮХАТИ БЕМОРИҲО – ҲАМЧУН ҲУҶҶАТИ АСОСИ ҲАНГОМИ МУАЙЯНКУНИИ ҚОБИЛИ ХИЗМАТ БУДАНИ ДАЪВАТШАВАНДА БА ХИЗМАТИ ҲАРБӢ

Рӯихати бемориҳо ин Замимаи «Низомнома дар бораи экспертизаи тиббӣ-ҳарбӣ» буда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами № 290 аз 4 июли 2002 қабул шудааст.

Дар рӯихати бемориҳо номгӯи бемориҳое оварда шудаанд, ки аз рӯи он даъватшаванда ҳуқуқ ба озод шудан ва ё ҳуқуқ ба таъхир андохтани мӯҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро оид ба вазъи саломатӣ муайян мекунад.

Дар ҳуҷҷати мазкур 89 номгӯи касалиҳои руҳӣ, асаб, касалиҳои дарунӣ, ҷарроҳӣ, касалиҳои гӯш, бинни ва гулӯ, даҳон ва ҷоғ, касалиҳои чашм, ва касалиҳои пӯст, ки асос барои озод кардан ва ё ба таъхир андохтани мӯҳлати даъвати даъватшаванда оид ба вазъи саломатӣ шуда метавонанд, оварда шудаанд.

Рӯихати бемориҳо аз бобҳое иборат аст, ки дар он бемориҳо аз рӯи соҳаашон ҷамъоварӣ карда шудаанд. Ҳар як боб аз шумораи муайани моддаҳо иборатанд, ки бемориҳои мушаххасро кушода медиҳанд.

Ҳар як моддаи Рӯихати бемориҳо аз ҷадвал иборат аст.

Дар навбати худ ҳар як ҷадвал аз чунин қисмҳо иборат аст:

1. рақами моддаи рӯихати бемориҳо;
2. номгӯи бемори, дараҷаи вайроншавии кори аъзо (дараҷаи вазнинии касали);
3. сутунҳои дараҷаи қобил будан ба хизмати ҳарбӣ – I, II, III и IV;
4. дараҷаҳои қобил будан ба хизмати ҳарбӣ

Андозаи вазнинии бемори аз рӯи мавҷуд будан ё набудани вайроншавии вазифаҳо дар бемории мазкур муайан карда шуда, ва дар ҳар як моддаи Рӯихати бемориҳо дар қисми «Номгӯи бемориҳо, дараҷаи вайроншавии вазифаҳо» дар пунктҳои а), б), в), г) ва д) оварда шудааст.

Тавсифи ҳар як пункти дараҷаи вайроншавии вазифаҳоро дар ҷадвал хондан мумкин аст.

Сутунҳои I, II, III, IV инро ифода мекунанд:

**дар сутуни I** – дараҷаи қобили хизмат будан ба хизмати ҳарбӣ дар вақти бақайдгирии ибтидоии ҳарбӣ ва даъват ба хизмати ҳарбӣ муайан карда мешавад;

**дар сутуни II** – дараҷаи қобили хизмат будан ба хизмати ҳарбии хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват мегузаранд, муайан карда мешавад;

**дар сутуни III** – дараҷаи қобили хизмат будан ба хизмати ҳарбии хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи шартнома мегузаранд ва инчунин афсарони эҳтиёти (шаҳрвандоне дар назар дошта шудааст, ки кафедраҳои ҳарбиро дар донишгоҳҳои Олӣ хатм кардаанд) муайан карда мешавад;

**дар сутуни IV** – дараҷаи қобили хизмат будан ба хизмати ҳарбии шаҳрвандоне, ки хизмати ҳарбиро дар киштиҳои зериобӣ бояд гузаранд, муайан карда мешавад;

Дар Рӯихати бемориҳо чунин дараҷаҳои қобили хизмат будан ба хизмати ҳарбӣ пешбинӣ карда шудаанд:

6. Қобили хизмати ҳарбӣ ;
7. Қобили хизмати ҳарбӣ будан бо маҳдудияти ҷузъӣ;
8. Қобили маҳдуд ба хизмати ҳарбӣ (ба хизмати ҳарбӣ дар замони осоишта шоиста нест, вале дар замони ҷанг шоистаю ҷоиз аст то чун ғайриқаторӣ хизмат кунад);
9. Муваққатан қобил набудан;
10. Қобил набудан ба хизмати ҳарбӣ

Таҳлили Рӯихати бемориҳо гузаронида шуд. Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки баъзеи бемориҳо дар Рӯихати бемориҳо оварда нашудаанд, баъзеашон бошад аниқ карданро талаб мекунанд.

Рӯихати беморие, ки ҳоло бо он духтурон сару кор доранд, дар соли 2002 ба расмият дароварда шуда буд, гарчанде аз вақти ба расмият дароварда шудани Рӯихати бемориҳо мӯҳлати кам гузаштааст, соҳаи тиб тараққи карда истодааст, ва ҳуҷҷати мазкур дида баромадани онро талаб мекунад, ва баъзеи бемориҳо шарҳи аниқро талаб менамояд.

Бо баъзеи духтуроне, ки таҷрибаи кор дар комиссияҳои даъват доранд, мусоҳиба гузаронида шуд ва бисёрии онҳо ба хулосае омаданд, ки Рўихати бемориҳо ба аз нав дида барои мўҳтоҷ аст.

Дар фармони пешинаи Вазири Мудофиаи собиқ Идтиҳоди Шўрави аз соли 1987 таҳти рақами №260 дар қисмати Рўихати бемориҳо қариб ки ҳамаи бемориҳо, аломатҳои он ва тартиби истифдабарии ин моддаҳо ба таври аниқ навишта шуда буд, аммо дар фармони нави ВМ ҶТ таҳти рақами №166 аз соли 2002, ки ҳоло духтурони комиссияҳои даъват бо он кор мекунанд, шарҳи бисёрии моддаҳо мавҷуд нест.

Дар Қарори Ҳукукмат таҳти рақами №290-2002 матни русӣ ва тоҷикии Рўихати бемориҳо фарқ мекунанд.

## Е) ҲУҚУҚИ ШИКОЯТ ОВАРДАН АЗ БОЛОИ ҚАРОРИ КОМИССИЯИ ДАЪВАТ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ДАЪВАТШАВАНДАГОН

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» комиссияи даъват ба натиҷаҳои муоинаи тиббӣ такя карда нисбати даъватшаванда яке аз чунин қарорҳоро қабул мекунад:

- дар бораи даъват шудан ба хизмати ҳарбӣ;
- дар бораи фиристонидани ў ба хизмати алтернативӣ;
- дар бораи додани таъхир аз даъват ба хизмати ҳарбӣ;
- дар бораи озод кардан аз даъват ба хизмати ҳарбӣ;
- дар бораи ба эҳтиёти гузаронидан ва ё озод кардан аз иҷрои ўҳдадории ҳарбӣ

Баъди гузаштани комиссияи тиббӣ даъватшаванда комиссияи даъватро мегузарад.

Дар комиссияи даъват бояд иштирок кунанд: Раиси комиссияи даъват, муовини ў, котиби комиссияи даъват, духтуре, ки аз болои корҳои марбут ба муоинаи тиббӣ роҳбарӣ менамояд, намояндаи мақомоти корҳои дохилӣ, намояндаи шўъбаи маориф. *Инчунин ба ҳайяти комиссияи*

*даъват метавонанд намояндагони дигар ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳо дохил шаванд.*
Ҳузури ҳамаи аъзоёни комиссияи даъватии ноҳиявӣ (шаҳрӣ) дар рафти кори он ҳатмист.

*Чӣ тарз эълон кардани қарори комиссияи даъват ба даъватшаванда сурат мегирад?*

Духтур – аъзои комиссияи даъват натиҷаҳои муоинаи тиббиро нисбати ҳар як даъватшаванда эълон карда, тавсияҳои худро оиди зарурияти муносиб будани даъватшаванда аз рӯи вазъи саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ ва дигар нишондодҳо ба ин ё он намуди Қувваҳои Мусаллаҳ ва ё навъи қӯшун изҳор менамояд. Раиси комиссияи даъватии шаҳрӣ (ноҳиявӣ) аъзоёнро бо нишондоди хусусиятҳои даъватшаванда шинос мекунад; аъзоени комиссияи даъватии шаҳрӣ (ноҳиявӣ) аз даъватшаванда оиди : аъзоени оила, ҳолати модди, шароити манзили, агар хонда истода бошад, лар куҷо ва кадом курс, ҷой, мансаб ва собиқаи корӣ, бо кадом ихтисос тайериро дар ташкилоти Идтиҳоди Мададгори Мудофиа (ИММ) гузаштааст, инчунин оё ёрии модди ва ё дигар ёри ба оилаи даъватшаванда лозим аст, дар сурати ба хизмати ҳарбӣ даъвт шудани даъватшаванда маълумот мегиранд.
Аз тарафи комиссияи даъватии ноҳияви қарори марбут қабул карда шуда, он дар китоби протоклҳои комиссияи даъватии ноҳияви қайд карда мешавад. Қарори комиссияи даъват ба даъватшаванда аз тарафи Раиси комиссияи даъват ва ё муовини ӯ эълон карда мешавад. Раиси комиссияи даъватии ноҳиявӣ ӯҳдадораст, дар охири рӯзи кори натиҷаҳои кори комиссияро барои ҳамон рӯз тайер карда ва чораҳоро барои ислоҳи хатогиҳои роҳдодашуда андешад.[11].

[11] Пункти 85 Дастурамал оиди тайёри ва гузаронидани даъвати шахрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва рухсат шудани аскар ва афсарон ба эҳтиёт, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо мекунанд.

Бо талаби шаҳрванд раиси комиссияи даъват ӯҳдадораст ба ӯ нусхаи қарори комиссияи даъватро ки нисбати ин даъватшаванда қабул карда шудааст, супорад. Бояд қайд кард, ки нусхаи қарор ҳамчун яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим ба даъватшаванда танҳо бо талаби худи ӯ дода мешавад. Комиссияи даъват худ ӯҳдадор нест, ки нусхаи қарорро ба даъватшаванда супорад. Аксар вақт даъватшавандагон аз комиссияи даъват нусхаи қарорро талаб намекунад, чунки онҳо оиди ин ҳуқуқашон хабардор нестанд, ё ин ки аз сабаби он, ки онҳо дар вақти эълони қарори комиссияи даъват ҳузур надоштанд.

Ба саволи «Шумо шахсан дар ҷаласаи комиссияи даъват иштирок кардед?» 5% даъватшавандагони пурсидашуда ҷавоб доданд, ки ҷаласаи комиссияи даъвати тамоман баргузор нагардид, 56% пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки онҳо шахсан дар ҷаласаи комиссияи даъват иштирок накардаанд ва фақат 39% даъватшавандагон гуфтанд, ки худи онҳо шахсан дар ҷаласаи комиссияи даъват ширкат варзиданд. (**Диаграммаи №11**).

**Дар маҷлиси комиссияи даъвати Шумо шахсан иштирок доштед?**




**Диаграммаи №11**

Дар рафти мониторинги гузаронидашуда маълум гашт, ки на ҳама вақт ҳайати комиссияи даъвати ба талаботи пешбини намудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ӮУҲ ва ХҲ» ҷавобгӯ буд. Тибқи моддаи 24-и ҳамин қонун ба ҳайати комиссияи даъват бояд дохил шаванд:

– муовини раиси ноҳия ё шаҳр - раиси комиссия;

– комиссари ҳарбии ноҳия ё шаҳр - муовини раиси комиссия;

– котиби комиссияи даъват;

– духтуре, ки ба кори муоинаи тиббии шаҳрвандони ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда роҳбарӣ мекунад;

– намояндаи мақомоти корҳои дохилии ноҳия ё шаҳр;

– намояндаи мақомоти идораи маорифи ноҳия ё шаҳр.

Ба ҳайати комиссияи даъват метавонанд намояндагони дигар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо дохил шаванд. Ба саволи «Киҳо дар ҳайати комиссияи даъват ҳузур доштанд?» натиҷаҳо инро нишон доданд: (**Диаграммаи №12**)

**Дар ҳайати комиссияи даъвати киҳо буданд?**




**Диаграммаи №12**

Тибқи моддаи 25-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ўҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ » аз болои қарори комиссияи даъват дар муддати 10 рўз ба комиссияи даъватии болои ё суд шикоят кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат иҷрои қарори

комиссияи даъват то эълон гардидани қарори комиссияи даъвати болоӣ ё суд боздошта мешавад.
Пурсиши шаҳрвандон нишон дод, ки дар давраи даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ тибқи қонун қарори комиссияҳои даъват эълон карда намешавад ва дар навбати худ шаҳрвандон оиди ҳуқуқи худ барои шикоят кардани қарори комиссияи даъват маълумот надоранд. Ҳатто агар волидайни даъватшавандагон шикоят кунанд ҳам, иҷрои қарори комиссияи даъват боздошта намешавад. Инчунин дар рафти гузаронидани мониторинг ба саволи «Оё ба Шумо ҳуқуқи шикоят кардан аз болои қарори комиссияи даъват ҳаногоми бо он норози будан фаҳмонида дода шуда буд?» 92% пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки «не». Фақат 8 % нишон доданд, ки ба онҳо ҳуқуқи аз болои қарори комиссияи даъват шикоят овардан фаҳмонида шуда буд. (**Диаграммаи №13**).

**Оё ба Шумо ҳуқққи аз болои қарори комисияи даъват шикоят овардан, ҳангоми бо он норози будан фаҳмонида дода шуд?**




**Диаграммаи №13**

Чи хеле ки натиҷаҳои мониторинг нишон медиҳанд, дар се соли охир дар таҷриба механизми шикоят оавардан аз болои қарори комиссияи даъват вуҷуд надорад. Тибқи меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» аз болои қарори комиссияи даъват дар муддати 10 рӯз шикоят кардан мумкин аст. Аммо дар таҷриба дар аксар ҳолатҳо даъватшаванда ҳуқуқи аз болои қарори комиссияи даъват шикоят карданро надорад. Муаммо дар он аст, ки баъди баровардани қарор оиди даъвати шаҳрванд ба хизмати ҳарбӣ даъватшавандаро ҳамон замон ба хизмат равона мекунанд,

баъзан, баъди 3-4 рӯз. Аз ин лиҳоз, даъватшаанда дар қисми ҳарбӣ қарор дошта имконияти аз болои қарор нисбати ӯ қабулшуда шикоят карданро надорад. Аммо дар ҳолати шикоят кардан низ иҷрои қарори мазкур боздошта намешавад.

Дар Қонуни ҶТ « Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» дар кадом мӯҳлат бояд нусхаи қарори комиссияи даъват дода шавад, нишон дода нашудааст, ки ин муаммо дар қонун ҳисобида мешавад.

*Ба комиссияи даъват волидайни даъватшавандае, ки дар шаҳри Исфара зиндаги мекунанд ва бо қарори комиссияи даъват, ки тибқи он фарзанди онҳо бояд ба хизмати ҳарбӣ равон карда шавад, муроҷиат намуданд. Аз болои қарори комиссияи даъватии ноҳиявӣ ба комиссияи даъватии вилояти шикоят карда шуд. Дар муроҷиатнома даъватшаванда хоҳиш кард, ки то ҳалли масъала фиристодани ӯро ба хизмати ҳарбӣ тибқи талаботи моддаи 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» боздоранд . Аммо ба ин нигоҳ накарда, даъватшавандаро ба комиссияи даъватии вилояти барои фиристодан ба қисми ҳарбӣ оварданд. Ба суди шаҳри Ҳуҷанд ариза тартиб дода шуда буд аммо дар суд қабули аризаро рад карданд, ва онро бо он асоснок карданд, ки нусхаи қарори комиссияи даъват оиди фиристодани даъватшаванда, ки нисбати ӯ баровarда шудаасту шаҳрванд аз болои он шикоят дорад мавҷуд нест. Дар натиҷа даъватшавандаро ба хизмати ҳарбӣ фиристоданд.*

Ба саволи «Оё шумо аз болои кирдорҳои ғайриқонунии кормандони комиссариати ҳарбӣ , агар ҷой дошта бошанд шикоят карда будед?»(мақсади шикоят кардан), ҷавоби мусбиро фақат 5% даъватшавандагон ва волидони пурсидашуда доданд. (**Диаграммаи №14**).

**Аз тарафи Шумо аз болои кирдорҳои ғайриқонунии кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ, дар ҳолати ҷой доштани он шикоят оварда (мақсади шикоят кардан) шуда буд?**



Сатҳи пасти муроҷиати шаҳрвандон оиди поймолшавии ҳуқуқи онон дар он ифода меёбад, ки чи хеле ки худи онҳо изҳор доштанд, ин нобовари ба системаи адолати судӣ ва сатҳи пасти маълумотнокии ҳуқуқи, инчунин набудани натиҷаҳои мусби оиди муроҷиатҳои ҷойдошта мебошад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» тартиби шикоят карданро пешниҳод кардааст аммо ин механизм дар таҷриба кор намекунад. Сабаби асосии ин набудани нусхаи қарори комиссияи шаҳри ё ноҳияви мебошад, ки аз болои он ба мақомоти болои ва ё суд шикоят карда мешавад. Дар вақти муроҷиат кардан ба суд, бо умеди гирифтани кўмак ва амалигардонии ҳуқуқ конститутсионии худ ба ҳимояи суди, даъватшаванда бо сабаби набудани нусхаи қарори комиссияи даъват ҷавоби манфиро мегирад. Мутобиқи **моддаи 19 Конститутсияи ҶТ** «ҳар кас кафолати ҳифзи суди дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ўро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, барраси намояд»

Дар қонун мўҳлате ки бояд нусхаи қарори комиссияи даъват дода шавад нишон дода нашудааст. Ин мўҳлат бо Қонуни ҶТ «Оиди муроҷиати шаҳрвандон» ба танзим даровaward мешавад, ки тибқи он мақомотҳои давлати бояд ҷавобро ба

муроҷиат дар муддати 15 рўз пешиниҳод намоянд. Натиҷаи ин аниқ аст, то он даме, ки даъватшаванда нусхаи қарори комиссияи даъватро мегирад ва то даме ки 15 рўз ҷавоби комиссияи даъватро интизор мешавад, ўро барои хизмат ба Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ равона месозанд.
Дар ин ҳолат иҷрои қарори комиссяи даъват то эълони қарори комиссияи даъвати болои ё суд боздошта мешавад. Ин меъёр инчунин аксар вақт аз тарафи комиссияи даъват вайрон карда шуда дар таҷриба амали намегардад. Даъватшаванда, ки аз болои қарори комиссияи даъват шикоят кардааст ва дар аризаи худ аз комиссияи даъват хоҳиш кардааст, ки то муайян кардани ҳолатҳои кори ў равонкуниро боздоранд, дар охир ба хизмати ҳарбӣ фиристода мешавад.

## Ж) ШАРОИТИ ТАЪМИНИ ДАЪВАТШАВАНДОН ДАР НУҚТАИ ҶАМЪОМАДӢ

Агар комиссияи даъватии шаҳр ва ё ноҳияви дар бораи равона кардани даъватшаванда ба хизмати ҳарбӣ қарор қабул намояд, пас чорабинии навбати ин овардани даъватшаванда ба нуқтаи ҷамъомадӣ мебошад. Нуқтаи ҷамъомадӣ ин Комиссариати ҳарбии вилоятӣ аст. Даъватшаванда дар бораи ҳозир шудан ба комиссияи даъват (шаҳр ва ё ноҳия) барои равон кардан ба нуқтаи ҷамъомадӣ даъватнома мегирад. Даъватнома бояд на дертар аз 2 рўз пеш аз рафтан ба нуқтаи ҷамъомадӣ супорида шавад.[12] Даъватшавандагонро ба нуқтаи ҷамъомадӣ дар вақти муайян намудаи комиссариати ҳарбии вилоятӣ муташаккилона меоваранд. Ҳолати мазкурро банди 107 Дастур муқаррар мекунад, ки даъватшаванда ба комиссариати ҳарбии ноҳия барои ба қўшунҳо фиристонидан бо муайян намудани ҳисоби омадани онҳо ба нуқтаи ҷамъомадии вилоятӣ, на дертар аз 1 шабонарўз то рафтани эшелонҳои қўшунҳо ҳозир бошанд.

[12] Пункти 97 Дастурамал оиди тайёри ва гузаронидани даъвати шахрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва рухсат шудани аскар ва афсарон ба эҳтиёт, ки хизмати ҳарбиро аз рўи даъват адо мекунанд.

Зиёда аз 2-3 шабонарўз бе ягон сабабҳои узрнок нигоҳ доштани даъватшаванда дар нуқтаи ҷамъомадӣ манъ карда мешавад.[13]

Натиҷаҳои мониторинг нишон доданд, ки даъватшаванда дар нуқтаи ҷамъомадӣ дар муддати якчанд шабонарўз (аз 2 то 5) то рафтан ба қисми ҳарбӣ нигоҳ дошта мешаванд.

*Нуқтаи ҷамъомадии вилоятӣ бояд дорои чунин шароитҳо бошад:*

- ✓ Ҷой барои коркарди санитарии ҳайати шахсӣ (ҳаммом, душ)
- ✓ Ҷой барои гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар байни даъватшавандагон ҳангоми омадан ба нуқтаи ҷамъомадӣ
- ✓ Ҳуҷрае барои азназаргузаронии тиббӣ бо ба ҳисоб гирифтани ҳар як ҳуҷра ба ҳар як духтур-мутахассис
- ✓ Нуқтаи хўрокворӣ, буфет
- ✓ Ҷой барои ҳайати шахсӣ ва барои гузаронидани чорабиниҳои сафдорӣ ва варзишӣ ва ғ.[14]

Даъватшавандагон ҳангоми сўҳбат қайд намуданд, ки сифати хўрокворӣ дар нуқтаи ҷамъомадӣ хеле паст мебошад. Бо сабаби сифати паст доштанаш аксарияти даъватшавандагон аз истеъмоли он даст мекашанд.

Миқдори зиёди даъватшавандагони нуқтаи ҷамъомадӣ дар ҷойҳои маҳдуд дар муддати аз 2 то 5 шабонарўз хоб мекунанд. Ҳангоми сўҳбат бо даъватшавандагон муайян карда шуд, ки онҳо дар як ҷойи хоб то 3 нафар хоб мераванд.

Даъватшавандагон дар нуқтаи ҷамъомадӣ дар ҳолати пўшида нигоҳ дошта мешаванд ва барои вохўрдан бо волидайнашон ва наздиконашон рухсат дода намешавад.

---

[13] Пункти 110 Дастурамал оиди тайёри ва гузаронидани даъвати шахрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва рухсат шудани аскар ва афсарон ба эҳтиёт, ки хизмати ҳарбиро аз рўи даъват адо мекунанд.

[14] Пункти 111 Дастурамал оиди тайёри ва гузаронидани даъвати шахрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва рухсат шудани аскар ва афсарон ба эҳтиёт, ки хизмати ҳарбиро аз рўи даъват адо мекунанд.

Гӯрӯҳи калони волидайни даъватшавандагон дар қафои девори баланди маҳалли ҷамъшавӣ қарор мегиранд ва бо ҳар гуна роҳу восита бо фарзандонашон мулоқот мекунанд.
Дар рафти пурсиш бо падару модарон хоҳиш менамуданд, ки фарзандҳояшон баъди гузаштани комиссияи даъватии ноҳия ба хона фиристода шавад, ки ин талаби Қонун мебошад. Лекин мониторинг нишон дод, ки даъватшавандагон бо волидайнашон падруд нагуфта ва бо худ чизҳои лозимиро ҳам нагирифта, ба нуқтаи ҷамъомадии вилоятӣ мераванд. Падару модарон бо даъватшавандагон озодона мулоқот карда наметавонанд. Дар бисёр мавридҳо падару модарон бо фарзандҳояшон бо воситаи девори бетонин мулоқот мекунанд. Танҳо дар вақти аз нуқтаи ҷамъомадии комиссариати ҳарбии вилоятӣ ба автобус рафтан падару модарон метавонанд, ки фарзандҳояшонро бинанд.
Ҳолати мазкур хеле ҳақирона менамояд. Волидайни даъватшавандагон ба чунин фикр меоянд, ки фарзанди онҳо на барои ҳифзи Ватан ва хизмати ҳарбӣ рафта истодаасту, балки ҷиноят содир намуда, ба ҷои аз озоди маҳрум сохтан рафта истода бошад.

Бо даъватшавандагон бояд, ки эҳтиромона муносибат намуд ва набояд қадру қиммати онҳо паст зада шавад. Пурсиш бо даъватшавандагон ва волидайни онҳо нишон дод, ки бо даъватшавандагон ҳамчун ҷинояткор муносибат намуда, ғайриқонунӣ нигоҳ медоранд, озодии онҳоро маҳдуд мекунанд, ҳуқуқи бо волидайн ва хешовандон во хӯрданро намедиҳанд ва инчунин имконияти озодона дар комиссариати ҳарбӣ вохӯрдан мавҷуд нест.

# ТАҲЛИЛИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА САНАДҲОИ МЕЪЕРӢ-ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ХИЗМАТИ АЛТЕРНАТИВӢ.

Имрӯзҳо масъалаи хизмати алтернативӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон яке аз муаммоҳои актуалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Хизмати алтернативӣ ин даст кашидан аз хизмати ҳарбӣ аз рӯи ақида ва ё дин ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯши худ ӯҳдадории байналмилаиро оиди иҷро кардани як қатор ҳуҷҷатҳои балналхалқиро гирифтааст. Яке аз ин ҳуҷҷатҳо ин Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар ба ҳисоб меебад, ки дар моддаи 18 он оварда шудааст: «Ҳар як инсон ба озодии фикр, вичдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири озодонаи дин ва эътиқод, пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ чи бо тартиби инфироди ва чи якҷоя бо дигарон, ба таври оммави ё хусуси, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои дини ва маросимиро иҷро кардан иборат аст» Инчунин моддаи 19 Эъломия муқарар мекунад: «Ҳар як инсон ба озодии ақида ва баёни озодонаи он ҳақ дорад; ин ҳуқуқ бемамоният нигоҳ доштани ақидаи худ, озодона бо ҳар восита ва сарфи назар аз сарҳадоти давлати, ҷустуҷӯ, дастрасу интишор намудани маълумоту ғояҳоро дар бар мегирад»

***Паймони байналҳалқи доир ба ҳуқуқҳои шаҳрванди ва сиёси дар моддаи 18*** муайан мекунад:

«Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ озодии доштан ё қабул кардани дин, ё эътиқод бо интихоби худ ва озодии пайрави кардан ба дин ё эътиқоди худ чи бо тартиби инфироди ва чи якҷоя бо дигарон, ба таври оммави ё хусуси, дар ибодат намудан, иҷро кардани расму оинҳои диниву маросими ва таълим гирифтанро дар бар мегирад»

Дар матни ин ҳучҷҷатҳо бевосита оиди хизмати алтернативӣ гуфта нашудааст. Аммо комиссияи СММ (Созмони Милали Муттаҳид) оиди ба ҳуқуқи инсон –

мақомоти байналхалқие, ки ба ваколати у фаҳмондадиҳии мазмуни ҳуҷҷатҳои байналналхалқии асоси медарояд, - меҳисобад, ки ҳуқуқ ба хизмати алтернативӣ ин ифодаи ҳуқуқ ба озодии ақида ва озодии виҷдон мебошад.

***Соли 1987 Комиссия оид ҳуқуқи инсони СММ резолютсияи 1987/46-ро қабул кард***, ки дар он даст кашидан аз хизмати ҳарбӣ бинобар эътиқоду виҷдон ҳамчун «Ҳуқуқи қонунии амалӣ кардани озодии ақида, виҷдон ва эътиқоди динӣ» муайян мешавад. Ин тавсиф дар қатъномаҳои қабулкардаи Комиссияи СММ дар солҳои 1989, 1993 ва 1995 боз тасдиқ шудааст. Дар резолютсияи худ аз соли 1995 (1995/83) Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи инсон ба хамаи давлатҳои аъзои СММ бо чунин даъват мурочиат мекунад: «…агар ин пештар ҷорӣ нашуда бошад, ба қонунгузорӣ ҷорӣ намуда чораҳои заруририро барои озод кардан аз хизмати ҳарбӣ дар асоси акидаҳои самимии вичдон таъмин карда шавад»

Дар тафсири умумии № 22 (48) моддаи 18 Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки моҳи июли соли 1993 қабул шудааст, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон бо ақидаи Комиссия розӣ шуд ва изҳори бовар кард, ки «… ин ҳуқуқ аз моддаи 18 бармеояд, зеро ӯҳдадории истифодаи силоҳи марговар ба озодии виҷдон ва ҳуқуқи пайравӣ кардан ба дину эътиқоди худ мухолиф аст».

*<u>Моддаи 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи уӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ » муқарар кардааст: «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад мутобиқи қонун ба ҷои адои хизмати ҳарбӣ хизмати алтернативиро адо намояд. Тартиби адои хизмати алтернативиро Қонун муайян мекунад»</u>* Аммо, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни махсус, ки бояд тартиби гузаштани хизмати алтернативиро ба танзим дарорад, мавҷуд нест.

Бояд қайд кард, ки набудани қонуни махсус дар бораи хизмати алтернативӣ ҳуқуқи шаҳрвандонро барои ивази хизмати ҳарбӣ ба хизмати алтернативӣ бекор намекунад. Ин аз мазмуни ин меъёрҳои Сарқонун сарчашма мегирад:

Моддаи 10. Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқи дорад ва меъерҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқи надоранд.

Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳури ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилали амал мекунанд.

Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расми амал мекунанд.

Моддаи 14-и Конститутсияи ЧТ «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳури ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амали мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳалли ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти суди таъмин мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъияти, ҳимояи сохти конститутсиони ва тамомияти арзии ҷумҳури раво дониста мешавад»

Аз ин бармеояд, ки дар асоси фақат меъёрҳои конститутсиони, шаҳрванде, ки ақида ё дини ӯ барои бурдани хизмати ҳарбӣ хилофат мекунад, метавонад, ивази хизмати ҳарбиро ба хизмати алтернативӣ аз мақомотҳои марбути ҳоқимияти иҷроия талаб намояд.

Ҳуқуқ ба хизмати алтернативӣ дар Тоҷикистон ҳамчун «ҳуқуқ-руҳ» мебошад, чунки дар бораи он мегӯянд, дар қонунҳо ба он такя мекунанд, барои саркаши кардан аз хизмати алтернативӣ ҷавобгарии ҷинояти пешбинӣ карда шудааст, аммо дар асл он вуҷуд надорад.

Дар замони ҳозира, ки ҳоло қонун дар бораи хизмати алтернативӣ мавҷуд нест, тартиби равон кардан ба хизмати алтернативӣ бавоситаи аз тарафи Қонуни ҶТ «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ » ба танзим даровАрда мешавад. Қонун инҳоро муқарар мекунад:

- мутобиқи м. 7 Қонун шаҳрвандон ӯҳдадоранд дар қайди ҳарбӣ бошанд, ба истисноп онҳое, ки хизмати ҳарбӣ (алтернативӣ) адо карда истодаанд;

- мутобиқи м. 25 Қонун яке аз ӯҳдадориҳом комиссияи даъват ин қабули қарор дар бораи фиристодан ба хизмати алтернативӣ мебошад. Инчунин дар ин модда дар бораи шикоят овардан аз болои қарори комиссияи даъват, дар ҳолати бо он норози будани шаҳрванд гуфта шудааст.

- м. 20 Қонун асосҳо барои озод кардан аз даъват ба хизмати ҳарбиро пешбинӣ мекунад. Ва яке аз чунин асосҳо ин аз тарафи шаҳрванд адо кардани хизмати ҳарбӣ ё алтернативӣ ба ҳисоб меравад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои саркаши кардан аз хизмати алтернативӣ ва хизмати ҳарбӣ пешбинӣ кардааст.

Ба ҳамаи меъерҳои дар боло зикргашта нигоҳ накарда, дар таҷриба истифодаи ҳуқуқ ба хизмати алттернативи мавҷуд нест. Зиёда аз ин, аксари шаҳрвандони Тоҷикистон дар бораи хизмати алтернативӣ ягон хел маълумот надоранд. Оиди ин масъала Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Ҷавон «Ампаро» дар доираи лоиҳа бо талабагони синфҳои 11 мактабҳои миёнаи Вилояти Суғд вохӯриҳо гузаронида буд, ки дар он, ҳангоми шунидани мафҳуми хизмати алтернативӣ савол медоданд, ки «Хизмати алтернативӣ чист?». Гарчанде, ки моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ » дар бораи мудофиаи давлат, ӯҳдадории умумии шаҳрвандон, инчунин мудофиаи граждани донишу малакаи зарури гирифтани таълимгирандагонро (тарбиятгирандагонро) пешбинӣ намудааст.

Бояд дар ёд дошт, ки дар соли 2006 Кумита оид ба ҳуқуқи инсон баъди дида баромадани маърӯзаи миллии аз тарафи Тоҷикистон дар асоси м. 40 Паймони байналҳалки доир ба ҳуқуқҳои шаҳрванди ва сиёси пешниҳод шуда, дар эроди

ниҳоии худ, дар пункти 20 изҳор кардааст, ки *Кумита изҳори нигаронӣ мекунад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари аъзо ҳуқуқи даст кашидан аз хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳ бинобар эътиқодоти виҷдонашон эътироф намекунад, ва ба Тоҷикистон тавсия додааст то тамоми чораҳоро дар мавриди эътирофи ҳуқуқи он шахсоне, ки бино бар эътиқодоти виҷдонӣ аз хидмат кардан дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ даст мекашанд ва аз хизмати ҳарбӣ озод шудан мехоҳанд, қабул намояд.*

Алҳол ташкилотҳои чамъияти кӯшиш карда истодаанд, то лоиҳаи қонунр дар бораи хизмати алтернативӣ ба парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбари намуда онро парлумон қабул намояд.

Дар рафти пурсиш аз даъватшавандагон пурсиданд, ки «Оё Шумо медонед, ки хизмати алтернативӣ чист?». Ба ин савол факат 2 % пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки онҳо чи будани хизмати алтернативиро медонанд. Боқимонда 98 % ҷавоби манфи доданд. (**Диаграммаи №15**).




**Диаграммаи№15**

Инчунин бояд онро қайд кард, ки дар байни давлатҳои ИДМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона давлатест, ки дар он институти хизмати алтернативӣ то ҳол ба амал татбиқ карда нашудааст. Ғайр аз ин, баъзе давлатҳои собиқ Идтиҳоди Шӯрави, ба монанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, «намунаи осиёги»-и хизмати алтернативиро истифода мебаранд, ки амалишавии ҳуқуқ ба хизмати

алтернативиро на фақат дар асоси ақида, ки ин намунаи классики ба ҳисоб меравад, пешбинӣ менамоянд, балки дар асоси вазъи оилави ва дигар ҳолатҳо, ки гузаштани хизмати ҳарбиро истисно мекунанд, истифода мебаранд. Агар сухан дар бораи ҳуқуқ ба хизмати алтернативӣ дар асоси ақида равад, таҷрибае, ки дар Федератсияи Россия истифода бурда мешавад, барои давалти мо бештар мувофиқанд.

Дар Федератсияи Россия ивази хизмати ҳарбӣ ба хизмати алтернативӣ барои шаҳрвандоне, ки дини Исломро пешбари мекунанд, ҳаматарафа истифода мешавад. Гарчанде ғояи Ислом барои гузаштани хизмати ҳарбӣ мухолифат намекунад, аммо он талаботҳоеро барои шаҳрванд мегузорад, ба монанди хондани намози панҷвақта, ё ин ки гирифтани Рӯза, ки иҷрои он дар шароити адои хизмати ҳарбӣ қариб ки имконнопазир аст. Албатта, дар вақти дархост барои ивази хизмати ҳарбӣ ба хизмати алтернативӣ на ба ҳама ин ҳуқуқ дода мешавад. Дар таҷрибаи давлатҳое, ки хизмати алтернативиро истифода мебаранд, дида мешавад, ки шаҳрванде, ки мақсади гузаштани хизмати алтернативиро бар ивази хизмати ҳарбӣ дорад, ӯҳдадораст, исбот кунад, ки гузаштани хизмати ҳарбӣ хилофи ақида ва ё дини ӯ мебошад.

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НАТИҶАҲОИ МОНИТОРИНГИ РИОЯИ ҲУҚУҚИ ДАЪВАТШАВАНДАГОН ДАР РАВАНДИ МАЪРАКАИ ДАЪВАТ АЗ СОЛИ 2007 ТО СОЛИ 2009

Аз соли 2007 оғоз намуда АҲҶ «Ампаро» доир ба даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ мониторинг гузаронида истодааст. Натиҷаи мониторингҳои солҳои 2007, 2008 ва 2009-ро муқоиса намуда гурӯҳи мониторинги як қатор пешравиҳоро дар ин соҳа пайдо намуд, ки мехоҳем дар ин боб оиди ин сухан ронем. Аммо, афсӯс, ҳоло бисёр масъалаҳои ҳалталаб доир ба ҳуқуқи даъватшавандагон боқи мондааст, ки бояд ҳатман бо фаъолияти якҷояи мақомотҳои дахлдори давлатие, ки барои даъват масъуланд ва намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъияти ҳалли худро ёбанд.

Анализи муқоисавии натиҷаҳои мониторингҳои 2007, 2008 ва 2009 натиҷаи зеринро нишон дод:

**Муҳлати даъват.**

Мувофиқи қонуни ҶТ «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ дар вақти баҳор (аз 1 апрел то 31 май) ва тирамоҳ (аз 1 октябр то 30 ноябр) сурат мегирад. Дар соли 2008 аз маркази маълумотдиҳии Вазорати Мудофиа хабар доданд, ки бинобар натиҷаи таассуфовари даъвати баҳорона мавсими баҳории даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ то 15 июн дароз карда мешавад. Ин ба он нигоҳ накарда, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» мӯҳлати даъват муайян шудааст ва барои дароз намудани мӯҳлати даъват бояд ба қонуни мавҷуда тағиру иловаҳо ворид карда шавад, аммо даъвати баҳорона 15 рӯз дароз карда шуд. Ин қарор ба қонунгузории ҶТ муқобил буд.

Дар соли 2009 ин гуна вайрон намудани қонунгузори ба назар нарасидааст. Даъват тибқи пешбини намудаи қонун бе ягон тағирот аз 1 апрел то 31 май ва аз 1 октябр то 30 ноябр баргузор гардид.

**Боздошти ғайриқонунӣ**

Боздошти ғайриқонуни(облава), боздошти шаҳрвандон дар ҷойҳои ҷамъияти, бозорҳо, кӯчаҳо ва ғайраҳо аз ҷониби кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ ва овардан ба комиссариати ҳарбӣ барои фиристодан ба ҷойҳои адои хизмати ҳарбӣ , яке аз паҳншудатарин вайронкунии ҳуқуқи инсон дар раванди маъракаи даъват, ҳоло ҳам масъалаи муҳим барои ҷамъият ба ҳисоб меравад. Анализи натиҷаҳои маниторинг нишондод, ки роҳҳои ғайриқонуни пур кардани нақша сол аз сол кам мешавад. Масалан, дар соли 2007 ҷойдоштани боздошти ғайриқонуниро 45% пурсидашудагон тасдиқ намудаанд. Дар соли 2008 45% даъватшавандагон иброз доштанд, ки онҳо баъд аз боздошти ғайриқонуни (облава) ба комиссариати ҳарбӣ оварда шудаанд. Дар соли 2009 бошад даъватшавандагоне. ки ба боздошти ғайриқонуни гирифтор шудаанд то 33% кам шудааст.

**Супоридани даъватнома**

Тибқи банди 22-и Низомнома «Дар бораи тартиби даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ» даъватнома ба даъватшаванда бояд на дертар аз **5 рузи** мӯҳлати таъин намуда барои ҳозир шудан ва гузаштани комиссияи даъват супорида шавад.

Тибқи моддаи 27 қонуни ҶТ «ЎУҲ ва ХҲ» шаҳрвандони ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда ўҳдадоранд даъватномаи комиссариати ҳарбиро бо забонхат қабул намоянд.

Дар соли 2008 49% пурсидашудагон иброз доштанд, ки тамоман даъватномаро нагирифтаанд. Ин ҳолат дар он вақтҳое ба амал меояд, ки даъватшаванда ба воситаи «облава» ба комиссариати ҳарбӣ оварда мешавад. Яъне даъватшаванда аввал ба комиссариати ҳарбӣ оварда мешавад, баъд даъватномаро медиҳанд, ки ў дар ҳамонҷо имзо мегузорад. Дар соли 2009 танҳо 17% даъватшавандагон чунин ҷавоб доданд. Вайронкунии тартиби муқарашудаи қонун 32% кам шудааст.

Натиҷаи мониторинг нишон медиҳад, ки супоридани даъватнома бо ҳолатҳои таҳқир ва тарсонидани даъватшаванда, аъзои оилаи ў ва хешовандонаш сурат

мегирад. Ба саволи он, ки ҳангоми супоридани даъвотнома муомилаи кормандони комиссариати ҳарбӣ чи гуна буд дар соли 2007 32% даъватшавандагон ҷавоб доданд, ҳангоми додани даъватнома кормандони комиссариати ҳарбӣ таҳдиди кушодани парвандаи ҷиноятӣ, таҳқир, тарсондан, муомилаи бадро ба кор мебаранд. Дар соли 2009 ин ҳолатро 40% пурсидашудагон тасдиқ карданд.

**Муоинаи тиббӣ**

Вайроншудани ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми гузаштани муоинаи тиббӣ- яке аз паҳншудатарин ҳуқуқвайронкуни дар гузаронидани маъракаи даъват мебошад. Лекин дар боби мазкур беҳтариҳо ба назар мерасад.

Мутобиқи қонун «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва Дастурамал дар бораи тайёр кардан ва гузаронидани даъвати шаҳрвандони ҶТ ба хизмати ҳарбӣ ва рухсат шудан ва ба эҳтиёти дохил шудан, даъватшавндагоне, ки хизматро аз рӯи даъват ба амал мебароранд, шумораи духтуроне, ки муоинаи тиббиро ба амал мебароранд бояд 7 нафар мутахасисони гуногун бошанд.

Ба саволе ки дар вақти гузаронидани муоинаи тиббӣ чанд нафар духтурон иштирок доштанд дар соли 2007 40% даъватшавандагони пурсидашуда ҷавоб доданд, ки аз 7 нафар кам. Муайян шуд, ки дар гузаронидани муоинаи тиббӣ аз 3 то 7 нафар духтурон мутахассисони гуногун иштирок доштанд. Дар соли 2009 танҳо 14% пурсидашудагон иброз доштанд, тартиби муқараршудаи қонун нисбати шумораи духтурон вайрон шудааст. Дар 61% ҳолат шумораи духтурон-мутахассисон ба қонун мутобиқ буд. Дар 10% шумораи онҳо аз 7 нафар зиёд буд.

Яке аз проблемаи муҳими даъватшавандагон ва волидайни онҳо ин гузаштани комиссияи тиббӣ мубошад, ки онҳо дар бисёр ҳолатҳо шикоят ва маълумотномаи тиббӣ дар бораи сатҳи саломатиро ба назар намегиранд ва дар натиҷа дар бораи шоям будани даъватшавандаи ношоям қарор мебароранд.

Ба саволи он ки шикоятҳои Шумо дар бораи саломати аз ҷониби комиссияи тиббӣ ба эътибор гирифта шуд 17,4%

даъватшавандагони пурсидашуда гуфтанд, ба эътибор гирифта нашуд, дар соли 2009 бошад 57% пурсидашавандагон боз чунин ҷавоб доданд. Ҳолатҳои ба инобат нагирифтан ва қайд накардани шикояти даъваткунандагон оид саломатиашон зиёд шудааст.

**Ҳамкории комиссияҳои даъват ва идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ:**
Комиссариатҳои ҳарбӣ ва комиссияҳои даъватии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳияҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамкори намуда, бо талошҳои якҷоя вазъиятро беҳтар намуда, маъракаҳои якҷоя ташкил мекунанд.
Дар соли 2009 АҲҶ «Ампаро» бо Комиссариати ҳарбии вилояти Суғд, шаҳрҳо ва ноҳияҳо якчанд маъракаҳоро ташкил намуд. Яке аз маъракаҳои муҳим ин шинонидани стендҳои маълумоти дар назди комиссариатҳои ҳарбӣ ба ҳисоб меравад.
Бояд ҳаминро қайд кард, ки Комиссари ҳарбии вилоят Қосимов А.У. фаъолияти моро дастгири намуда барои шинонидани стендҳои маълумоти комиссарҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро вазифадор кард, ки дар шинонидани стендҳо ба кормандони АҲҶ «Ампаро» ёри расонанд.
Фаъолият оид ба гузаронидани маъракаҳои маълумоти дар байни ҷавонони синни даъвати ба роҳ монда шуд. Ғайр аз ин АҲҶ «Ампаро»бо иштироки комиссариатҳои ҳарбӣ як қатор барномаҳои телевизионӣ(Ток-шоу) гузаронд, ки мақсади он инъикоси масъалаҳо оид ба раванди даъват, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои даъватшавандагон мебошад.

## ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ДАЪВАТ ДАР ВАО.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Васоити Ахбори Омма, нақши муҳимро дар инъикоси ҳамаи равандҳои дар кишвар рух медода мебозанд. Алалхусус ин дар иштироки фаъоли ВАО дар тавзеҳи масъалаҳои халталаби ҷомеа ифода меебад.

Дар соли 2009 ВАО-и нашри ва электрони яке аз иштирокчиёни фаъоли маъракаҳои марбут ба даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ буданд, ки он дар хабардоркунии саривақти ва фаврии аҳоли доири маъракаи даъват зоҳир гашт.

Дар соли 2009 таҳлили ВАО-и нашри ва электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарнида шуд. Таҳлил фақат соҳаи даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ дар бар гирифт. Натиҷаҳои таҳлил нишон додан, ки дар давраи аз 1-уми январи 2009 то 20-уми январи соли 2010 дар ВАО-и кишвар зиёда аз 100 мақола ва хабарҳо нашр гардиданд. Чунин рӯзномаҳо ва сомонаҳои интернети зери таҳлил фаро гирифтанд:

**Рӯзномаҳо:**

1. Варорvд
2. Согдийская правда
3. Суғд хақиқати
4. Азия-Плюс
5. Фараж
6. Ҷумҳурият
7. Дуне
8. Инсон ва қонун
9. Қонун ва ҷомеа
10. Вечерний Душанбе
11. Крим-инфо
12. Суғд
13. Третий взгляд

**Сомонаҳои интернети:**

1. www.sugd.tj
2. http://ca-news.org
3. www.millat.tj
4. www.varorud.org
5. http://www.hrt.tj
6. http://stan.tv
7. http://www.ferghana.ru
8. www.internews.tj
9. http://www.ozodi.org
10. http://presscenter.tj
11. www.prezident.tj
12. www.nansmit.tj
13. www.ariana.su
14. www.asiaplus.tj
15. www.khovar.tj

Дар давраҳои дар боло зикргардида дар нашрияҳои даври ва сомонаҳои хабари зиеда аз 100 мавод бахшида ба мавзӯи даъват ба хизмати ҳарбӣ ба табъ расиданд. АҲҶ «Ампаро» 11 мақоларо бахшида ба ҳуқуқи даъватшавандагон дар нашрияҳои вилояти Суғд ба чоп баровард, ки он бо се забон ба табъ расид. (Дар рӯзномаҳои: Вароруд, Суғд хақиқати, Согдийская правда). Ҷамъ 33 мақола нашр гардид.

Дар поён ба кадом мавзӯъ бисёртар мақолаҳои дар соли 2009 баромада бахшида шуда буданд, оварда мешаванд:

1. Инъикоси рафти даъват: 23
2. Мақолаҳои АҲҶ «Ампаро»: 33
3. Дар бораи фаъолияти АҲҶ «Ампаро» дар соҳаи даъват: 8
4. Хизматчиёни ҳарбӣ : 19
5. Хизмати алтернативӣ: 5
6. Мавзӯъҳои гуногун: 12

**Хизмати алтернативӣ.**

Дар рӯзномаҳои Согдийская правда, Вароруд, Суғд ҳақиқати мақола бо номи «Алтернатива бошад!», ки аз тарафи АҲҶ «Ампаро» нашр гардид, баромад, ки дар он аз ҷумла омадааст:

*«Дар даҳсолаҳои охир вазъият доир ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон беҳтар гардидааст. Аммо, бо вуҷуди тағйиротҳои назаррас ҳанӯз кафолати риояи баъзе ҳуқуқҳои инсон мавҷуд нест. Аз ҷумла, ин ба ҳуқуқи шаҳрванд барои ивази хизмати ҳарбӣ ба хизмати алтернативӣ дахл дорад»*

Дар мақолаи мазкур фикру андешаҳои коршиносон, доир ба муҳимияти ҷори кардани ин намуди хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Аҳамият ва зарурати ин мавзӯъро ба назар гирифта, бо дархости рӯзномаи «Третий взгляд» мақолаи «Алтернатива бошад!» такроран дар ин рӯзнома рӯи чоп баромад.

**Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Ҷавон «Ампаро» баҳри ҳуқуқи даъватшавандагон.**

Диққати махсус аз тарафи ВАО ба фаъолияти АҲҶ «Ампаро» дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи даъватшавандагон дода шуд. Аз оғози соли 2009 дар ВАО 8 мақола нашр гардид. Яке аз онҳо ин маълумоти **Маркази-Матбуотии ФСППЭР** мебошад, ки дар он омадаст:

*«Дирӯз кормандони Ассаотсиатсияи Ҳуқуқшиносони ҷавон «Ампаро» натиҷаҳои мониторинги гузаронидашударо дар мавзӯи риояи ҳуқуқи инсон дар давраи даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ , «Даъват-2008»-ро ҷамбаст намуданд.*

*Тавре ки ба бюрои «АКИpress-Фергана» хабар дода шуд, дар вақти намоиши натиҷаҳои мониторинг, корманди ассотсиатсия Дилрабо Самадова гуфт, ки мониторинг бо роҳи пурсиши даъватшавандагон ва волидони онҳо, талабагон, донишҷӯени Донишгоҳҳои Оли, кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ , ҳимоячиён ва ҳуқуқмуҳофизаткунон гузаронида шуд.*

*Аз рӯи суханони Д. Самадова, дар давоми соли 2008 машваратҳои ҳуқуқии бепул ва телефонии бовари амал мекард, ки ба шаҳрвандон оиди маъалаҳои бақайдгирии ҳарбӣ, даъват, гузаштани муоинаи тиббӣ маслиҳатҳои ҳуқуқии ройғон дода мешуд»*

Дар сомонаи интернетии Идтиҳоди ташкилотҳои ҳуқуқҳимоякунандаи Федератсияи Россия **«Шаҳрванд ва артиш»** аз тарафи Герман Алеткин, директори «Маркази амалҳои сулҳҷӯёна ва ҳуқуқҳимоякунанда» дар шаҳри Казан, мақола зери сарлавҳаи **«Тренинг по защите прав призывника» (Тренинг дар бораи химояи ҳуқуқи даъватшаванда)** ба табъ расид. Дар он омадааст:
http://www.army- hr.ru/articles/1247051662.html

*«Аз 3 то 6 июли соли 2009 дар ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Ҷавон «Ампаро» барои ду гурӯҳи ҳимоячиён, ҳуқуқшиносон, ҳуқуқҳимоякунандагон, намояндгони ВАО дар мавзӯи ҳимояи ҳуқуқи даъватшаванда Тренинг барпо намуд. Ба ҳайси яке аз тренерон Герман Алеткин,* директори «Маркази амалҳои сулҳҷӯёна ва ҳуқуқҳимоякунанда» таклиф карда шуд.

*Монандии қонунгузорӣ дар соҳаи даъват кушодадиҳии мавзӯъро осон кард. Дар рафти тренинг зиёда аз 40 нафар бо таҷрибаи ташкилотҳои ҳуқуқҳимоякунандагони рус дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи даъватшавандагон шинос шуданд. Аз ҷумла муаллиф қайд мекунад: «Барои иштирокчиён якчанд намуди дастурамалҳо ва методҳои нави кор бо даъватшавандагон намоиш дода шуд. Ҳамаи маълумоти дода шуда бо шавқи зиёд қабул карда шуд. Ба ақидаи иштирокчиён бисерии ғояҳо метаваонанд бо муваффақият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ амали гарданд. Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Ҷавон «Ампаро» барои таъмини иштирокчиён бо маводҳои оид ба қонунгузор и корҳои бисёрро ба анҷом расонид. Қариб ки ҳамаи иштирокдорони тренингҳое бори аввал бо ҳуҷҷатҳое, ки комиссариатҳои ҳарбӣ дар давраи даъват бо он* кор мекунад шинос шуданд, ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо баъди талошҳои зиед бо мақомотҳои ҳарбӣ дастраси АҲҶ «Ампаро» гардиданд. Дар ҷамбасти ҳар як тренинг муҳокимаи масъалаи ҷори намудани хизмати алтеративи барраси гардид»

Инчунин дар сомонаи Stan.tv (http://stan.tv/news/11172/), мавод зери сарлавҳаи «Барои ҳуқуқи даъватшавандагон» ҷойгир карда шуд, ки дар он аз ҷумла омадааст: «Дар вилояти Суғд семинар дар мавзӯи ҳифзи ҳуқуқи даъватшавандагон барпо шуда истодааст. Ҳамин тавр, ҳуқуқҳимоякунандагон хостанд масъалаи поймолшавии қонунҳоро дар давраи даъват барраси намоянд» Дар ин мавод инчунин мусоҳиба бо корманди АҲҶ «Ампаро» Равшан Султонов ҷойгир карда шудааст.

**Хизматчиени ҳарбӣ .**

Бисёр маводҳое ба табъ расиданд, ки он ба масъалаҳои хизматчиени ҳарбӣ бахшида шуда буд. Дар инъикоси масъалаҳои хизматчиёни ҳарбӣ сомонаи Радиои «Озоди» махсусан фаъол буд. (www.ozodi.org)

Дар сомонаи Радио «Озоди» маводҳо дар мавзӯъҳои зерин ҷойгир карда шуда буданд:

1. Аз хизмати аскари ба бистари бемори.
http://www.ozodi.org/content/article/1877581.html

Фирӯз мегӯяд, бо хоҳиши худ ба хизмати аскарӣ рафтааст ва аз он сӯ бемор баргаштааст

“Азоб буд... Гурусна мемондем, либоси хуб надоштем. Мумкин ҳмин чизҳо буд, ки ман то ҳол беморам...”Ин ҳарфҳои як ҷавон бо исми Фирӯз аст, ки пас анҷоми хидмати ҳарбq дар моҳи майи соли равон то ҳанӯз дар бистарӣ беморист. Ӯ мегӯяд, шароити бади зист ва камбуди ғизову сару либос дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳро ба ин ҳол афкандааст.

2. Як сол дар артиш, Хотираҳои журналист.
http://www.ozodi.org/content/article/1909428.html

